*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №134-135 (4874-4875) | ҶУМЪА, 8 НОЯБРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



# ИФТИТОҲИ ИНШООТИ ҶАШНИИ ХАТЛОН

**7-уми ноябри соли 2024 сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон аз ноҳияи Ёвон оғоз ёфт.**

Нахуст Роҳбари давлат дар деҳоти Даҳанаи ноҳияи Ёвон корхонаи истеҳсоли армстронгро ифтитоҳ намуданд.

Иншооти нави саноатӣ дар заминаи ҶДММ «Хуаҷиан Ғаюр индастриал», аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Акбар Асадулло сохта шудааст. Самти фаъолияти корхона истеҳсоли армстронг буда, талабот ба ин навъи маҳсулоти сохтмонӣ дар дохил ва хориҷи кишвар хеле зиёд аст. Армстронг маҳсулоти сохтмонии замонавӣ ва аз ҷиҳати экологӣ безарар буда, дар ороиш додани дохили биноҳои гуногун васеъ истифода мегардад.

Зимни шиносоӣ бо фаъолияти корхона ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки хатҳои технологӣ аз ширкатҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ворид шуда, иқтидори лоиҳавии он дар як сол ба 9 миллион адад армстронг баробар мебошад. Тибқи таҳлили бозори дохилӣ талабот ба армстронг 3 миллион ададро ташкил намуда, боқимондаи он тибқи шартнома ба дигар кишварҳо содир мегардад.

Бо таъсис ва ба фаъолият оғоз намудани иншооти нави саноатӣ 30 сокини маҳаллӣ бо кор ва маоши хуб таъмин гардиданд.

Маҳсулоти корхона ивазкунандаи воридот буда, дар маҷмӯъ, бо 150 шаклу дизайни муосир истеҳсол мешавад. Ҳамчунин, имкон аст, ки маҳсулот дар асоси интихоби дизайн ва фармоиши мизоҷон омода гардад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёди чунин корхонаҳоро дар самти ноил шудан ба ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар қадами устувор гуфта, таъкид доштанд, ки вусъати чунин тадбирҳо метавонад ба рушди иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои кории нав, баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар ва рақобатпазирии он мусоидат намояд.

Дар ҳамон ҷо Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз намоиши маҳсулоти корхона боздид намуда, аз масъулин талаб намуданд, ки ба сифати истеҳсолот таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд.

Ширкати ватании «Ғаюр Гурӯҳ» бо истифода аз дастгириҳои пайвастаи Роҳбари давлат нисбат ба бахши хусусӣ соли ҷорӣ 5 корхонаи истеҳсолӣ бунёд намудааст, ки дар онҳо 600 нафар бо кор ва маоши хуб таъмин шудаанд.

**7-уми ноябри соли равон дар идомаи сафари корӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон корхонаи гаҷкартони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Файзи гач»-ро ба истифода доданд.**

Корхонаи истеҳсоли гачкартон дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи нақшаи чорабиниҳои созандагӣ бахшида ба солгарди 35-уми Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Шералӣ Файзализода дар муддати бештар аз як сол бунёд гардид.

(Давомаш дар саҳ. 2)

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи ба категорияи деҳа мансуб донистани баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияҳои Дарвоз ва Шуғнон, иваз намудани номи баъзе маҳалҳои аҳолинишини ноҳияҳои Дарвоз, Шуғнон ва Роштқалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон**

Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаҳои 9, 17 ва 19 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Маҳалли аҳолинишини Дашти Паткуноби деҳоти Қалъаихумби ноҳияи Дарвози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба категорияи деҳа мансуб дониста шуда, номи он ба Сомониён иваз карда шавад.

2. Маҳалҳои аҳолинишини зерини ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба категорияи деҳа мансуб дониста шаванд:

- маҳалли аҳолинишини Себзори деҳоти Навобод ба деҳаи Себзор;
- маҳалли аҳолинишини Деҳбастаи деҳоти Навобод ба деҳаи Деҳбаста;
- маҳалли аҳолинишини Саидхомушиёни деҳоти Навобод ба деҳаи Саидхомушиён;
- маҳалли аҳолинишини Кулеви деҳоти Навобод ба деҳаи Кулев.

3. Номи маҳалҳои аҳолинишини зерини ноҳияҳои Шуғнон ва Роштқалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон иваз карда шаванд:

1) деҳаи Ҷелондеҳи деҳоти Ванқалъаи ноҳияи Шуғнон ба деҳаи Оби Гарм;

2) дар ноҳияи Роштқалъа:

- деҳаи Лесхози деҳоти Барвоз ба деҳаи Лоҷвард;
- деҳаи Бутаноқурғани деҳоти Сежд ба деҳаи Ҷавшангоз;
- деҳаи Қарақуруми деҳоти Сежд ба деҳаи Сиёвушгирд.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Рустами ЭМОМАЛӢ**

**ш. Душанбе, 5 ноябри соли 2024, №558**

# ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иваз намудани номи баъзе воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишини шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон**

Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаҳои 9 ва 19 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Номи воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишини зерини шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон иваз карда шаванд:

1) дар шаҳри Кӯлоб:

- деҳаи Дамариқи деҳоти Даҳана ба деҳаи Боғистон;
- деҳаи Ватаншо Шамсови деҳоти Зарбдор ба деҳаи Файзобод;
- деҳаи Мадином Ибронови деҳоти Зарбдор ба деҳаи Лурдоб;
- деҳаи Маҳмадалӣ Ғаффори деҳоти Зиракӣ ба деҳаи Лоҷвард;

2) деҳаи Узбеклангари минтақаи манзилии №2-и шаҳри Норак ба деҳаи Лангар;

3) дар шаҳри Левакант:

- деҳаи Табақчии деҳоти Ваҳдат ба деҳаи Косибон;
- деҳаи Устотоймаси деҳоти Ваҳдат ба деҳаи Нурафшон;
- деҳаи Тоҷикободи деҳоти Ваҳдат ба деҳаи Шоҳон;
- деҳаи Боҳтуробод-1 деҳоти Гулистон ба деҳаи Гурдондеҳ;
- деҳаи Боҳтуробод-2 деҳоти Гулистон ба деҳаи Баҳодурон;

(Давомаш дар саҳ. 4)

# БАРҚИЯҲОИ ТАБРИКӢ

**7-уми ноябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти тозаинтихоби Иёлоти Муттаҳидаи Америко муҳтарам Доналд Ҷон Трамп барқияи табрикӣ ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**



**«Ҷаноби Олӣ,**

Дар иртибот ба пирӯзиатон дар интихоботи Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Америко бо камоли сарфарозӣ ба Шумо табрикоту таҳнияти самимии хешро арз менамоям.

Мо ба ояндаи муносибатҳои дӯстона ва шарикии гуногунҷанбаи судманд бо Иёлоти Муттаҳидаи Америко диди нек дорем.

Рушду тавсеаи пайгиронаи онҳоро дар ҳама арсаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн аз ҷумлаи самтҳои муҳимтарини сиёсати хориҷии давлати худ медонем. Ҳамеша омодаем, ки ҷиҳати пешбурди ҳамкории судманд муколамаи самарабахши байнидавлатии кишварҳоямонро дар сатҳҳои мухталиф идома бахшем.

Бо истифода аз ин фурсати муносиб ба Шумо тансиҳативу саодатмандӣ ва дар фаъолияти масъулиятнокатон комёбиҳои навин, ба мардуми дӯсти Иёлоти Муттаҳидаи Америко сулҳу суботи пойдор ва шукуфоии бардавом хоҳонам».

**7-уми ноябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Молдова муҳтарам Майя Санду барқияи табрикӣ ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**



**«Хонуми Олиҷоҳ,**

Шуморо ба муносибати аз нав интихоб гардиданатон ба маснади Президенти Ҷумҳурии Молдова сидқан табрику муборакбод мегӯям.

Ба Шумо саломатии бардавому саодатмандӣ ва дар идомаи фаъолияти сермасъули давлатиатон комёбиҳо, ба мардуми дӯсти Молдова сулҳу суботи пойдор ва пешрафту шукуфоӣ орзу менамоям.

Тайи давраи соҳибистиқлолӣ кишварҳои мо бар асоси усулҳои дӯстӣ, ҳусни тафоҳум ва эҳтироми ҳамдигарӣ робитаҳои ҳамкории созанда дар арсаҳои гуногуни мавриди таваҷҷуҳи муштарак ба роҳ монда, пеш мебаранд.

Бовар дорам, ки ду ҷониб бо такя ба ин анъанаҳои нек ҷиҳати рушду тавсеаи муносибатҳои байнидавлатии худ минбаъд ҳам саъю кӯшишҳои зарурӣ ба харҷ хоҳанд дод. Омодагии инҷонибро барои иқдомҳои якҷоя дар ин ҷода иброз менамоям».

**www.prezident.tj**

**Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум**

# ҲИСОББАРОБАРКУНИҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ ТАҚВИЯТ МЕЁБАНД

**Ҳафтуми ноябри соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 55 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода, муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шодихон Ҷамшед ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа 16 масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст?

Набошад, хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Дар хусуси Созишнома оид ба пешниҳод намудани гранти Фонди авруосиёии муътадилгардонӣ ва рушд барои маблағгузории лоиҳаи «Вусъат додани татбиқи принсипҳои буҷети барномавӣ» байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки авруосиёии рушд**



**2. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон»**

**3. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ассотсиатсияи истифодабарандагони об»**

**4. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024»**

**5. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ»**

**6. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи берун баровардан ва ворид намудани сарватҳои таърихию фарҳангӣ»**

**7. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг»**

**8. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ»**

**9. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ченаки ягона»**

**10. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ»**

**11. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолиятиноширӣ ва полиграфӣ»**

**12. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама»**

**13. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи почта»**

**14. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ»**

**15. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти баҳодиҳӣ»**

**16. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдои электронӣ»**

**РАИС: -** Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъала «Дар хусуси Созишнома оид ба пешниҳод намудани гранти Фонди авруосиёии муътадилгардонӣ ва рушд барои маблағгузории лоиҳаи «Вусъат додани татбиқи принсипҳои буҷети барномавӣ» байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки авруосиёии рушд» сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад.Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Созишнома оид ба пешниҳод намудани гранти Фонди авруосиёии муътадилгардонӣ ва рушд барои маблағгузории лоиҳаи «Вусъат додани татбиқи принсипҳои буҷети барномавӣ» байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки авруосиёии рушд пешниҳод мегардад.

(Давомаш дар саҳ. 6)

# ИФТИТОҲИ ИНШООТИ ҶАШНИИ ХАТЛОН



(Идома аз саҳ. 1)

Зимни шиносоӣ бо раванди истеҳсолот ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки фаъолияти корхонаи нави саноатӣ дар се баст ба роҳ монда шуда, дар он асосан истеҳсоли гачкартон ва ғуррагачҳои сохтмонӣ роҳандозӣ шудааст.

Коргоҳи нав имкон дорад, ки дар як сол зиёда аз 500 ҳазор метри мураббаъ гачкартон истеҳсол намояд ва тасмим аст, ки дарояндаи наздик ҳаҷми истеҳсолот то як миллион метри мураббаъ расонида шавад. Дар корхона 45 сокини маҳаллӣ бо кор ва маоши хуб таъмин шудаанд. Барои бунёду муҷаҳҳазгардонии иқтидори нави саноатӣ зиёда аз 24 миллион сомонӣ сарф гардидааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми соҳибкори маҳаллиро шоёни дастгирӣ номиданд. Дастур дода шуд, ки зимни фаъолият ба ҳаҷми истеҳсолот ва сифату рақобатпазирии маҳсулот таваҷҷуҳи хоса равона карда шуда, маҳсулот бо назардошти талаботи бозор истеҳсол гардад ва риояи меъёрҳои содироти мол ба хориҷа мадди назар қарор дода шавад.

Корхонаи истеҳсолӣ дар минтақаи саноатии ноҳияи Ёвон, дар заминаи татбиқи ҳадафҳои саноатикунонии босуръати кишвар ва «Солҳои рушди саноат» дар Тоҷикистон бунёд карда шудааст.

Гачкартон бо ҳаҷму андозаҳои гуногун тавассути дастгоҳу таҷҳизоти пешрафта ва хатҳои технологии замонавӣ истеҳсол карда мешавад. Хатҳои технологие, ки дар корхона насб шудааст, навтарин дониста мешавад ва дар онҳо мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ маҳсулот истеҳсол мешавад. Коркарди маҳсулоти хоми маҳаллӣ то марҳилаи ниҳоӣ таъиноти асосии фаъолияти корхона арзёбӣ карда шуд.

Озмоишгоҳи корхона бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз мебошад, ки дар он мутахассисони касбӣ сифати маҳсулотро дақиқ санҷида, баъдан барои истифода дар истеҳсолот пешниҳод менамоянд.

Бояд гуфт, ки 70 фоизи маҳсулоти корхона аз ашёи хоми маҳаллӣ буда, бо истифода аз конҳои амалкунандаи атрофи ноҳия бо сифати аъло омода мешавад ва ивазкунандаи воридот мебошад. Дар корхона 2 намуд гачкартон бо андозаи 1 метру 20 сантиметр паҳноӣ ва 2 метру 50 сантиметр дарозӣ барои девор ва сақф истеҳсол карда мешавад. Ин намуди маҳсулот барои деворҳои байниҳуҷравӣ ва ороиши сақфи иншооти гуногун истифода мегардад. Дар марҳилаҳои баъдӣ тасмим аст, ки истеҳсоли гачкартонҳои ба намӣ ва гармӣ тобовар низ дар ҳамин корхона ба роҳ монда шавад.



ҶДММ «Файзи гач» аз зумраи корхонаҳои муҳими истеҳсолӣ дар ноҳияи Ёвон буда, аз соли 2014 амал мекунад. Дар ин муддат корхона истеҳсоли 27 номгӯйи маҳсулоти сохтмониро ба роҳ монда, дар бозор мақоми худро пайдо кардааст, ки аксарият таъиноти содиротӣ дорад.

Ҳоло дар ин корхона истеҳсоли густурдаи ғуррагачҳои берунаву даруна, ғуррагачҳо барои сақф ва ороиши берунаи бинову иншоот, барои корҳои гачкорӣ, ширешҳои тахтасангҳои ба обу намнокӣ тобовари дарун ва беруни бино, рангҳои эмулсионии шусташавандаву ба намӣ тобовар, профил ва ғайраҳо ба роҳ монда шудааст. Корхона дар масоҳати 2,7 гектар ҷойгир шудааст, ки бештар аз 1,5 гектари онро боғи дарахтони мевадиҳанда ташкил медиҳад. Дар умум, атрофи корхона бо назардошти таъиноти саноатӣ доштани он сабзу хуррам гардонида шудааст, ки ин раванд ба беҳдошти вазъи экологӣ мусоидат мекунад.

Инчунин, ширкати «Файзи гач» дар пайгирӣ аз иқдомҳои созандагии роҳбарияти олии сиёсии кишвар дар амалисозии ташаббусҳои бунёдкорӣ бобати истиқболи шоиста аз Ҷашни бузурги миллӣ - 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Ёвон ҳиссагузорӣ дорад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои шиносоӣ бо фаъолияти корхона ба соҳибкори ватанӣ барои саҳмгузорӣ дар раванди саноатикунонии кишвар арзи сипос карда, дастур доданд, ки ба масъалаи омодасозӣ ва бозомӯзии мутахассисон дар хориҷа таваҷҷуҳ зоҳир карда, ташаббусҳои созандагиву иҷтимоиро вусъат бахшад.

**7-уми ноябри соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ дар ноҳияи Ёвон корхонаи истеҳсоли механизмҳои борбардори «Ширкати мошинсозии Де Банг Тоҷикистон»-ро дар минтақаи саноатии деҳоти Даҳана мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Корхонаи навбунёд бо иқтидор ва шакли фаъолият дар Осиёи Марказӣ назир надошта, бо ҷалби сармояи дохилӣ ва шарикони рушд дар муддати камтар аз 5 моҳ ба маблағи 12 миллион сомонӣ бунёд ёфтааст.

Бо мавриди истифода қарор додани корхонаи нави истеҳсолӣ механизмҳои борбардори ҶСК «Ширкати мошинасозии Де Банг Тоҷикистон» 30 нафар бо ҷои кори доимӣ таъмин шуданд.

Корхонаи нави истеҳсолӣ аз зумраи иншооти ҷашнӣ ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ маҳсуб ёфта, дар доираи татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръати кишвар бо навтарин технологияи ҷаҳонӣ ҷиҳозонида шудааст.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки иқтидори истеҳсолии корхона дар як сол 80 крани борбардори пуриқтидор буда, дар сурати зиёд гаштани фармоиши харидорон ҳаҷми истеҳсоли он зиёд карда мешавад. Маҳсулоти корхона ивазкунандаи воридот буда, ба содирот низ нигаронида шудааст.

Механизмҳои борбардори истеҳсолшаванда дар корхонаи навбунёд, ки ҳар қисми он пас аз озмоишу санҷишҳои мутахассисони соҳа насб карда мешаванд, тавоноии бардоштани аз 4 то 12 тонна борро доранд.

Кранҳои борбардори ин корхона тариқи фосилавӣ низ идора карда мешаванд, ки он метавонад кори бинососонро ба маротиб осон намояд. Пас аз мавриди истифода қарор гирифтани корхона арзиши кранҳои борбардор дар бозор то 30 фоиз арзон бояд шавад, зеро то ҳол ин маҳсулот аз берун ворид мешавад. То имрӯз ҳар сол ба ҳисоби миёна ба маблағи то 9 миллион доллари амрикоӣ кранҳо аз хориҷи кишвар ворид мешавад. Аз ин хотир, кранҳои ин корхона ивазкунандаи воридот ва ҳам маҳсулоти содиротӣ хоҳад шуд.

Корхонаи мазкур дар бинои бекорхобидаю валангоре, ки солиёни зиёд аз мадди назар дур монда буд, бунёд гардида, ба як гӯшаи ободу зебо мубаддал гаштааст.

Масоҳати умумии корхонаи навбунёд наздики 4 ҳазор метри мураббаъ буда, гирду атрофи он сабзу хуррам гардонида шудааст. Дар саҳни бинои корхона намунаи яке аз кранҳои борбардор гузошта шудааст, ки бозгӯи иқтидори истеҳсолии корхона ва сифати баланди маҳсулоти он мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз шиносоӣ бо фаъолияти истеҳсолӣ ва васли кранҳои пуриқтидори корхона ташаббуси масъулинро барои ба роҳ мондани чунин иқдоми нек, ки дар пайравӣ ба сиёсати созандаву бунёдкоронаи роҳбарияти олии кишвар амалӣ гаштааст, муҳим арзёбӣ намуда, барои фаъолияти самарабахши минбаъдаи он дастуру ҳидоятҳо доданд.

**7-уми ноябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳи мошингарди Бохтар-Левакант-Данғараро ба истифода доданд.**



Роҳ дар доираи ҳадафҳо барои ба талаботи байналмилалӣ мутобиқ намудани шароити хизматрасонӣ дар 3 марҳила бунёд шуда, дарозии умумии он 68,8 километрро ташкил медиҳад.

Қитъаи Бохтар-Леваканти роҳ аз 6 хати ҳаракат ва боқимонда аз ду хат иборат мебошад. Дар маҷмӯъ, дар роҳ 5 пули мошингузар ва 2 роҳи давродавр сохта шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки бунёди роҳ ба ташаккули долонҳои нақлиётӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва боз ҳам беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум мусоидат мекунад.

Бунёди истгоҳҳои нақлиётӣ, насби чароғакҳои роҳнамо, гузаргоҳ барои пиёдагардон, шинонидани дарахтони ороишию сояафкан ва сабзакорӣ зебогии роҳро таъмин намудааст.

Қисматҳои аҳолинишини роҳ тибқи талаботи байналмилалӣ чароғон карда шудааст, ки шабонгаҳ дар баробари таъмини рӯшноию зебоӣ, ҳамзамон, осудагию бехатарии мардумро дар назар дорад. Васли новаҳои оҳанубетонӣ, қубурҳои обгузар, тахтасангҳои ду канори роҳ ва деворҳои ҳимоявӣ ҳаракати бехатари воситаҳои нақлиётро таъмин менамояд.

Дар қисматҳои кӯҳистони табиати Тоҷикистон тавассути корҳои тахту ҳамворкунӣ имконият барои ҳаракати воситаҳои нақлиёт беҳтар гардонида шудааст.

Бо супориши Сарвари давлат дар доираи ҳамин лоиҳа 3 км роҳҳои дохилии шаҳри Леваканд низ навсозӣ хоҳад шуд.

Роҳи Бохтар-Левакант-Данғара аҳамияти зиёди иқтисодию иҷтимоӣ дошта, барои баланд бардоштани ҳаҷм ва сифати боркашонию мусофиркашонӣ замина мегузорад. Бунёди ин ва дигар роҳҳои дорои аҳамияти байналмилалӣ дар солҳои Истиқлоли давлатӣ имкон фароҳам овардааст, ки қаламрави Тоҷикистон барои давлатҳои минтақа ҳамчун транзит истифода гардад.

Ёдовар бояд шуд, ки корҳои сохтмонӣ дар марҳилаи якуми роҳи мошингарди Бохтар-Левакант-Данғара бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи октябри соли 2021 оғоз гардида буд. Иҷрои саривақтии супоришҳои Роҳбари давлат имкон фароҳам овард, ки бунёди роҳ дар муҳлати муайянгардида мутобиқ ба талаботи лоиҳавӣ ба анҷом расонида шавад.

Дар охир Сарвари давлат муҳта-



рам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи масъулини дахлдори соҳа ва коргарону мутахассисонро ба нигоҳубини дурусти роҳ ҷалб карданд, то ин ки солиёни зиёд барои боркашонию мусофиркашонӣ хизмат кунад.

Ҳамчунин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо лоиҳаи бунёди роҳҳои мошингарди Данғара-Гулистон ва Гулистон-Фархор шинос шуда, ба корҳои сохтмонӣ оғоз бахшиданд. Қитъаи Данғара - Гулистони роҳи дорои аҳамияти байналмилалии Душанбе - Кӯлоб - Хоруғ - сарҳади Чин наздики 50 километрро ташкил намуда, дар маҳалҳои аҳолинишин аз 4 хати ҳаракат иборат хоҳад буд.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид карданд, ки Тоҷикистон тавассути бунёди ҳамин гуна роҳҳои муосир ба яке аз ҳадафҳои асосии стратегӣ - табдил ёфтан ба кишвари транзитӣ ноил мегардад.

Тибқи талаботи байналмилалии роҳсозӣ дар қитъаи Данғара - Гулистони роҳи байналмилии Душанбе - Хоруғ бунёди хонаи модару кӯдак, истгоҳҳои нақлиётӣ, гузаргоҳҳои болоизаминию зеризаминӣ, пиёдароҳ ва дигар зербинои нақлиётӣ ба нақша гирифта шудааст.

Масофаи умумии қитъаи Гулистон - Фархор 29,6 километрро ташкил намуда, бо ҷалби сармояи хориҷӣ ва саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта мешавад.

Марҳилаи якуми роҳи Гулистон - Фархор - Панҷ - Дӯстӣ ҷузъи муҳими шоҳроҳи байналмилалӣ буда, тавассути масирҳои хориҷӣ барои дастрасӣ ба бандарҳои ҷаҳонӣ шароит фароҳам меорад.

Бунёди қитъаҳои Данғара - Гулистон ва Гулистон - Фархор дар доираи татбиқи «Барномаи мақсадноки давлатии рушди комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025» ба хотири ташаккули долонҳои нақлиётӣ ва ба давлати транзитӣ табдил додани Тоҷикистон аҳамияти муҳим дорад.

Тибқи қарордод корҳои сохтмонӣ дар марҳилаи якуми таҷдиди роҳи мошингарди Гулистон-Фархор-Панҷ-Дӯстӣ, яъне то Фархор, бояд то моҳи сентябри соли 2027 ба анҷом расонида шавад.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулон барои дар муҳлати муайяншуда босифат ба анҷом расонидани сохтмон ва мутобиқ ба талаботи байналмилалӣ фароҳам овардани шароити мусоид супоришҳо доданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши ин роҳро дар рушди боркашонию мусофиркашонӣ, тиҷорати наздисарҳадӣ ва пешрафти сайёҳӣ басо муҳим арзёбӣ намуданд.

Дар ҳамон рӯз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Левакант 6 техникаи нави роҳнигоҳдорӣ ҳадя карданд.

**7-уми ноябри соли равон зимни сафари корӣ ба вилояти Хатлон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Левакант бо бардоштани парда аз рӯи лавҳаи хотиравӣ парки инноватсионии саноатию технологиро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Парки инноватсионии саноатию технологии шаҳри Левакант бо фарогирии 6 корхонаи истеҳсолӣ дар доираи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар



самти саноатикунонии босуръати кишвар ва амалигардонии нақшаю барномаҳои рушди соҳаи саноат бо иқдоми соҳибкори ватандӯст Холмаҳмад Чиллазода дар ҳамкорӣ бо мутахассисони чинӣ бунёд гардидааст.

Масоҳати умумии парки инноватсионии саноатию технологии шаҳри Левакант 1,8 гектарро дар бар гирифта, он дорои корхонаи коркарди шиша, коргоҳҳои истеҳсоли макарон, маводи шустушӯӣ, дастпӯшак, рангҳои сохтмонӣ, мебел, инчунин, биноҳои маъмурию хоҷагидорӣ, мағозаи фурӯши маҳсулоти коргоҳҳо ва иншооти ёрирасон мебошад. Арзиши лоиҳавии парки инноватсионии саноатию технологӣ зиёда аз 30 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар парки инноватсионии саноатию технологӣ нахуст корхонаи коркарди шишаро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Корхонаи коркарди шиша дар масоҳати 2920 метри мураббаъ бунёд гардида, дар он дастгоҳу таҷҳизоти муосир ворид ва насб карда шудааст. Дар корхонаи мазкур коркарди шиша ва истеҳсоли дару тирезаҳои пластикию металлӣ роҳандозӣ гардидааст.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки дар корхона бо истифода аз дастгоҳу технологияи нав коркарди шиша бо усулҳои муосир ба роҳ монда шудааст. Иқтидори солонаи корхонаи навтаъсис коркарди аз 80 то 90 ҳазор метри мураббаъ шишаро ташкил медиҳад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулон ва мутахассисон дастур доданд, ки ба сифати маҳсулот таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд, зеро бо назардошти ташаккул ва рушди инфрасохтори шаҳру ноҳияҳои кишвар талабот ба дару тирезаҳои пластикию металлӣ бо шишаҳои хушсифат зиёд аст.

Бо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани корхонаи коркарди шиша 9 сокини маҳаллӣ бо кори доимӣ таъмин гардиданд.

Дар ҳамон ҷо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон коргоҳи истеҳсоли мебелро мавриди истифода қарор дода, дар гӯшаи намоиш бо маҳсулоти корхона шинос шуданд. Дар ин ҷо 12 намуди мебел истеҳсол карда мешавад. Иқтидори солонаи коргоҳи мазкур аз 30 то 36 ҳазор метри мураббаъро ташкил дода, бо истифода аз хати технологии коргоҳ истеҳсоли мебел бо тарҳҳои гуногун ва зебо ба роҳ монда шудааст.

Бо назардошти он ки соҳаи саноат ва инноватсия яке аз манбаъҳои муҳимтарини рушди минбаъдаи кишвар ба ҳисоб меравад, дар ҳамин мавзеъ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон коргоҳи истеҳсоли рангҳои сохтмониро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Хати технологӣ дар коргоҳи мазкур хушсифат буда, дар он рангҳо бо шаклу намудҳои мухталиф барои сохтмони иншооти таъиноти гуногун истеҳсол карда мешавад. Иқтидори солонаи коргоҳ аз 350 то 370 тонна рангро ташкил медиҳад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулон ва кормандони коргоҳи истеҳсоли рангҳои сохтмонӣ дастур доданд, ки ба сифати маҳсулот таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда, дар ояндаи доираи фаъолияти коргоҳро васеъ ва ҷойҳои кориро зиёд намоянд.

Дар ҳамон ҷо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, коргоҳи истеҳсоли дастпӯшакро мавриди истифода қарор доданд, ки дар он 5 нафар бо кори доимӣ таъмин мегарданд. Гуфта шуд, ки маҳсулоти коргоҳи навтаъсис асосан дар корҳои сохтмонию васлгарӣ дар раванди созандагиву бунёдкориҳои кишвар ва сохтмону бунёди иншооти гуногун истифода карда мешавад. Иқтидори солонаи коргоҳи навтаъсис аз 600 то 620 ҳазор ҷуфт дастпӯшакро ташкил медиҳад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамин мавзеъ коргоҳи истеҳсоли маводи шустушӯиро низ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд. Дар коргоҳи мазкур 7 нафар бо кори доимӣ таъмин гардида, дар он истеҳсоли собунҳои хушсифату хушбӯй ба роҳ монда шудааст. Иқтидори солонаи ин коргоҳи навтаъсис аз 240 то 260 тонна собунро ташкил медиҳад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо назардошти муҳимияти риояи қоидаҳои беҳдоштӣ дар ҷомеа, бунёди коргоҳи нав ва ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти шустушӯӣ, аз ҷумла собунҳои хушсифатро зарур шумориданд. Дастур шуд, ки истеҳсоли маҳсулот минбаъд зиёд карда шуда, маҳсулоти ватанӣ бояд бо сифати баланд ивазкунандаи воридот бошад.

Ҳамзамон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар парки инноватсионии саноатию технологӣ коргоҳи истеҳсоли макаронро ба истифода доданд. Коргоҳи мазкур бо дастгоҳу таҷҳизот ва хати технологии муосир таъмин карда шуда, дар он истеҳсол ва бандубасти макарон бо шаклу намудҳои гуногун роҳандозӣ гардидааст. Дар коргоҳи истеҳсоли макарон 6 нафар бо кори доимӣ таъмин гардида, иқтидори солонаи коргоҳ аз 250 то 270 тонна макаронро ташкил медиҳад.

Дар маҷмӯъ, дар 6 коргоҳи парки инноватсионии саноатию технологии шаҳри Левакант 55 нафар бо кор таъмин гардиданд, ки фаъолияти доимии онҳо ба зиёд намудани суръати рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва беҳтар гардидани шароити зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми созандаи соҳибкоронро шоистаи таҳсин хонданд. Ба масъулон ва мутахассисони коргоҳҳои парки инноватсионии саноатию технологии шаҳри Левакант дастур доданд, ки бо истифода аз технологияҳои муосир ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва ҷойҳои кориро зиёд карда, талаботи бозорро бо маҳсулоти рақобатпазири ватанӣ таъмин намоянд ва иқтидори содиротии кишварро тақвият бахшанд.

Мавриди ба ёдоварист, ки то ҳол дар шаҳри Левакант 34 корхонаю коргоҳи саноатӣ фаъолият менамуд, ки дар онҳо истеҳсоли орд, сабӯс, пахта, карбомид, аммиак, семент, хишти пухта, хишти сементӣ, сангреза, симчӯби бетонӣ, мебел ва либосҳои мактабӣ истеҳсол карда мешаванд.

**7-уми ноябри соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ба ноҳияи Кӯшониён ташриф оварданд.**

Нахуст Сарвари давлат бо бардоштани парда аз рӯйи лавҳаи рамзӣ корхонаи истеҳсоли мотоциклҳои дучарха ва сечархаҳои гуногуни «Вахш саноат»-ро ба истифода доданд. Корхонаи мазкур дар доираи эълон гардидани «Солҳои рушди саноат» бунёд шудааст.

(Давомаш дар саҳ. 3)

# ИФТИТОҲИ ИНШООТИ ҶАШНИИ ХАТЛОН



(Идома аз саҳ. 2)

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки корхонаи истеҳсоли воситаҳои нақлиёти барқӣ дар масоҳати 15 ҳазору 325 метри мураббаъ бунёд шудааст.

Корхонаи истеҳсолӣ аз сехи истеҳсоли қисмҳои оҳанини воситаҳои нақлёт, қитъаи ба шаклдарории маҳсулоти фулузӣ, қитъаи кафшергарию сайқалдиҳии фулузот, сехи рангубордиҳии қисмҳои оҳанин, қитъаи рангдиҳию хушккунии ҷузъҳои калонҳаҷм ва хурдҳаҷми фулузӣ, инчунин, сехи васлу насби ниҳоии воситаи нақлиёт иборат мебошад.

Дар он ҷо ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намунаи маҳсулоти истеҳсолшаванда муаррифӣ гардид.

Дар корхона истеҳсоли зиёда аз 30 намуди чунин воситаи нақлиёт, аз ҷумла 5 намуд мотосикл, 6 навъ мотороллер, 15 хел скутерҳои дучарха ва 5 гуна сечарха, ба роҳ монда шудааст.

Иқтидори истеҳсолии корхона вобаста ба талаботи бозори дохилӣ дар як моҳ то 800 воситаи нақлиёт ва дар як сол 9 ҳазору 800 ададро ташкил медиҳад.

Технологияи муосири насбгардида имкон медиҳад, ки воситаҳои нақлиёт босифат истеҳсол гардад, ки барои содирот низ мутобиқ аст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои рушди саноати мошинсозӣ дар ноҳия ва дар маҷмӯъ, бо тавлиди маҳсулоти ивазкунандаи воридот тақвият бахшидани иқтидорҳои истеҳсолӣ, инчунин, боз ҳам зиёд намудани корхонаҳои нави саноатӣ ба масъулини соҳа дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъд аз ифтитоҳи корхонаи истеҳсолии «Вахш саноат» дар ҳамон ҷо бо ҳосили фаровони зироаткории ноҳияи Кӯшониён шинос шуда, ба меҳнати содиқонаи аҳли заҳмат баҳои баланд доданд.

Таъкид шуд, ки нақлиёти сабук ва барқии ин корхона ба осон намудани мушкилии хоҷагидорон ва соҳибкорони деҳот мусоид аст. Фаровонии маҳсулоти кишоварзӣ дар заминҳои кишт аз меҳнати созанда ва истифодаи самараноки ҳар як қитъа замини корам дар ноҳияи Кӯшониён шаҳодат медиҳад.

Дар намоишгоҳ беҳтарин навъҳои маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла сабзавот, анвои гуногуни мева дар шакли тару хушк, полезӣ ва ғалладонагию лӯбиёгиҳо, мавҷуд буд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин барои боз ҳам баланд бардоштани иқтидори истеҳсолӣ, беҳдошти фарҳанги заминдорӣ, истифодаи заминҳои бекорхобида, ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта ва баланд бардоштани ҳавасмандии саҳмдорон дастуру тавсияҳо доданд.

**7-уми ноябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳраки Бӯстонқалъаи ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон маркази ташхисию табобатӣ ва барқарорсозии бемориҳои асабро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Маркази ташхисию табобатии «Авитсена» дар доираи тадбирҳои ободонию созандагӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ аз ҷониби соҳибкори маҳаллӣ Расулҷон Ашуров бунёд шуда, дар он шароити муосири ташхису табобат барои аҳолии ноҳия фароҳам оварда шудааст.

Тавре ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, корҳои сохтмонӣ дар ин иншооти соҳаи тандурустӣ, ки аз се ошёна ва таҳхона иборат мебошад, соли 2021 оғоз гардида, бо тарҳи муосири меъморӣ бунёд шудааст.

Дар маркази ташхисию табобатӣ ва барқарорсозии бемориҳои асаб 30 нафар, аз ҷумла 10 табиб, 12 корманди миёнаи тиббӣ ва 8 корманди ёрирасон, ба кор ҷалб гардидаанд. Барои фаъолияти пурсамари марказ ба маблағи 3 миллион сомонӣ таҷҳизоти муосири тиббӣ харидорӣ ва насб карда шудааст.

Дар таҳхонаи иншоот дорухона, ҳуҷраи ташхиси рентгени рақамӣ ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасон ҷойгир шудааст.

Дар ошёнаи якуми бино бо мақсади пешниҳоди хизматрасонии босифати тиббӣ ба ниёзмандон ҳуҷраҳои қабули беморон, муоина ва сабти барқии дил, ташхиси ултрасадоӣ, муоинаи сабти мағзи сар ва ҳуҷраи рухсати беморон ҷойгир мебошанд.

Дар ошёнаҳои дуюм ва сеюм ҳуҷраҳои табобатӣ ҷойгир гардида, дар онҳо барои беморон шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Марказ, ҳамчунин, дорои 30 кати хоб аст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо шароиту имконоти ин муассисаи тиббӣ ба корҳои сохтмонӣ ва шароити фароҳамгардида баҳои баланд доданд.

Дар оянда бо истифода аз имконияти ин марказ бо ҷалби мутахассисони сатҳи минтақа ва ҷумҳуриявӣ муоина ва табобати мураккаби сактаи майнаи сар ва дигар усулҳои муоина, ташхис ва табобати бемориҳои гуногуни асаб ба роҳ монда мешавад.

Бо оғоз гардидани фаъолияти Маркази ташхисию табобатӣ ва барқарорсозии бемориҳои асаб аҳолӣ имкон доранд, ки барои ташхису табобат бе харҷи маблағи зиёд ва сарфаи вақт дар назди хонаҳои худ аз хизматрасонии он истифода баранд.

**7-уми ноябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ дар шаҳраки Исмоили Сомонии ноҳияи Кӯшониён бинои муассисаи таҳсилоти томактабиро мавриди истифода қарор доданд.**

Бинои муассисаи таълимии томактабӣ бо тарҳи зебову замонавӣ қомат афрохта, аз 2 ошёна ва 8 ҳуҷраи таълимӣ барои кӯдакон иборат мебошад. Ҳамзамон, дар бинои асосии муассисаи томактабӣ ҳуҷраҳои фарҳангӣ, ҳамшираи тиб, синфхонаи компютерӣ, ошхона ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасон ҷойгир буда, барои 150 кӯдак пешбинӣ шудааст.



Масоҳати умумии иншооти таълимӣ 4500 метри мураббаъ мебошад. Дар қисмати дигари муассиса майдончаи варзиш барои бозии кӯдакон ва ҳавзи шиноварӣ сохта шудааст. Саҳни бино пурра сафолакпӯш гардида, гирду атрофи он бо гулу дарахтони сояафкан оро ёфтааст.

Иншооти соҳаи маориф ба маблағи зиёда аз 14 миллион сомонӣ бо сифати баланд сохта шудааст. Муассиса дорои нуқтаи гармидиҳӣ буда, дар фасли сармо биноро бо гармӣ таъмин менамояд.

Корҳои сохтмонӣ дар иншооти тозабунёд соли 2022 оғоз гардида, бо сифати баланд ва бо истифода аз масолеҳи сохтмонии ватанӣ бунёд шудааст.

Зимни боздид Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, барои дар руҳияи ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ тарбия намудани насли ояндасози миллат ба омӯзгорон дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Бунёди бинои наву замонавии муассисаи таҳсилоти томактабӣ дар ноҳияи Кӯшониён туҳфаи арзишманд ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сокинони ноҳия номида шуд.

**8-уми ноябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ ба вилояти Хатлон дар деҳаи Механизатори ноҳияи Кӯшониён муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 70-ро мавриди истифода қарор доданд.**

Мактаб аз ду ошёна иборат буда, барои 480 нафар хонанда дар ду баст пешбинӣ гардида, дар доираи ҳамкориҳои Ҳукумати кишвар бо Бонки исломии рушд сохта шудааст.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки бинои хуштарҳу замонавии муассисаи таълимӣ дар масоҳати 60 садяк замин бунёд гардида, дорои 10 синфхонаи муҷаҳҳаз ва дигар шароиту имконоти таълимӣ мебошад.

Ҳукумати кишвар ба сифати таълиму тарбия таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд. Бо назардошти ин, мактаби мазкур дорои синфхонаҳо барои инкишофи кӯдак, фанҳои физика, забон ва адабиёти тоҷик, химия, биология, технологияи иттилоотӣ, таърих, география ва забонҳои хориҷӣ мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои шиносоӣ ба сифати корҳои сохтмонӣ ва шароиту имкониятҳои муҳайёгардида баҳои баланд дода, омӯзгоронро барои боз ҳам беҳтар кардани сатҳу сифати таълиму тарбия ҳидоят намуданд. Барои дар фасли зимистон бо гармӣ таъмин намудани синфхонаҳо муассисаи таълимӣ бо шабакаи гармидиҳӣ таъмин мебошад. Ҳудуди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо шинонидани дарахтони ороишӣ ободу зебо гардидааст.

Дар доираи тадбирҳои Ҳукумати кишвар дар самти рушди варзиш ва тарғиби тарзи ҳаёти солим дар саҳни муассисаи таълимӣ майдончаи варзиш бунёд шудааст, ки хонандагон дар он ба машқу тамрин машғул мешаванд.

Зимни шиносоӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки муассисаи зебову муосири таълимӣ ба маблағи 6 миллиону 130 ҳазор сомонӣ сохта шуда, он имкон медиҳад, ки минбаъд наврасону ҷавонони деҳаи Механизатор дар шароити муосир бо таҳсил фаро гирифта шаванд.

Иншооти соҳаи маориф бо назардошти зиёдшавии шумораи аҳолии деҳаи мазкур бо тарҳи муосир бунёд шуда, дар доираи истиқболи Ҷашни 35-умин солгарди Истиқлоли давлатӣ барои хонандагону омӯзгорон туҳфаи арзишманд мебошад.

**8-уми ноябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Бохтар бинои маъмурии Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлонро мавриди истифода қарор доданд.**

Бинои мазкур дар ҳошияи сиёсати бобарору бунёдкоронаи роҳбарияти Ҳукумати кишвар ба муносибати Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бо тарҳу услуби муосир бунёд шуда, бо тамоми шароит муҷаҳҳаз гардидааст.

Бо бунёди иншоот дар баробари фароҳам гардидани шароити муносиби корӣ барои кормандони соҳа, ҳамзамон, ба симои маркази вилояти Хатлон – шаҳри Бохтар ҳусну ҷилои тоза зам гардид.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ бо имкониятҳои фароҳамгардида ба сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, кормандонро ба заҳмати содиқонаву софдилона ва таҳлилу коркардҳои дақиқи оморӣ ҳидоят намуданд.



Бинои маъмурии Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дар масоҳати умумии 834,5 метри мураббаъ бунёд гардида, аз 4 ошёна, 24 ҳуҷраи корӣ, таҳхона, китобхона, маҷлисгоҳ барои 60 нафар ва маркази коркарди маълумот иборат мебошад.



Ҳангоми шиносоии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки бинои навбунёд бо хати иловагии барқ васл гардидааст ва дар ҳолатҳои зарурӣ генератори 100 кВт ба таври худкор фаъол мешавад. Дар таҳхонаи бино барои шуъбаи таъминот, маркази табъу нашр ва ошхона шароити зарурӣ муҳайё шудааст.

Дар рафти корҳои сохтмонӣ зиёда аз 60 сокини маҳаллӣ ба кор ҷалб гардида, акнун 70 нафар мутахассисон дар шароити муносиби корӣ фаъолият менамоянд. Масъулин аз ифтитоҳи бинои навбунёди муҷаҳҳаз бо тамоми лавозимоти корӣ изҳори хушнудӣ ва арзи сипос намуданд.

Ҳуҷраҳои корӣ ва маркази коркарди маълумот аз ҷониби лоиҳаи «Навсозии низоми миллии омор дар Тоҷикистон» мутобиқ ба стандартҳои муосир таҷҳизонида шудааст. Ҳудуди бино бо гулҳои мавсимӣ ва дарахтони нодир зинат ёфтааст.

Иншооти навбунёд бо сифати баланд сохта шуда, имкон медиҳад, ки сокинони вилояти Хатлон аз хизматрасониҳои он пурсамар истифода баранд.

**Дар шаҳри Бохтар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ маркази касбомӯзӣ ва хизматрасониро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Иншооти мазкур бо беҳтарсозии малакаи касбӣ ва ба шуғли доимӣ фаро гирифтани аҳолӣ ба истиқболи Ҷашни бузурги миллӣ - 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сифати баланд ва ҷавобгӯ ба талабот бунёд гардидааст. Муассиса бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Бонки осиёии рушд сохта шудааст.

Дар марказ дарсҳои назариявӣ ва амалӣ ба роҳ монда шуда, шароити фароҳамгардида имкон медиҳад, ки новобаста ба синну сол нафароне, ки хоҳишу завқи соҳибкасб шудан доранд, дар он ба омӯзиши касбҳои гуногун фаро гирифта шаванд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар кардани сатҳу сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот давоми солҳои соҳибистиқлолӣ шароити зарурӣ муҳайё кардааст.

Чун маориф дар сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар авлавият қарор дорад, сол то сол маблағгузорӣ ба ин соҳа бештар мегардад. Махсусан, коллеҷу муассисаҳои таълимие, ки ба омӯзиши касбҳои гуногун нигаронида шудааст, муҷаҳҳаз ва пойгоҳи техникиашон қавӣ карда мешавад.

Шароити муҳайёгардида дар маркази мазкур имконият медиҳад, ки таълим дар ду баст барои то 240 нафар ба роҳ монда шавад ва ҳамин тариқ, дар як сол беш аз 2400 нафар бо касбомӯзӣ ва хизматрасониҳои пешниҳоднамудаи марказ фаро гирифта шаванд.

Ба Пешвои миллат иттилоъ доданд, ки маркази касбомӯзӣ ва хизматрасонӣ аз синфхонаи барҳавои таълимӣ бо 30 компютер, толори таҷрибаомӯзӣ, толори бисёрфунксионалӣ, ҳуҷраҳои машваратӣ, корӣ барои маъмурият, 3 устохонаи таълимӣ, китобхона барои шахсони имкониятașон маҳдуд, маҷлисгоҳ бо 150 ҷойи нишаст ва дигар иншооти ёрирасон иборат мебошад.

Дар марказ дар баробари омӯзиши 5 намуди касб, аз ҷумла устои барқ, кафшергар, андовагар, челонгар-сантехник ва устои панелҳои офтобӣ, инчунин, аз худ кардани забонҳои кореягӣ, англисӣ ва русӣ ба роҳ монда шудааст. Ҳамчунин, дар бино устохонаҳои кафшергарӣ, андовагарӣ ва нигоҳдории таҷҳизоти барқӣ ҷойгир карда шудааст. Ҳар як хонанда баъди хатм соҳиби ҳуҷҷати намунаи давлатӣ мегардад.

Дар иншоот панелҳои офтобӣ насб гардидааст, ки биноро ҳама вақт бо неруи барқ таъмин менамояд. Бино бо системаи гармидиҳӣ пайваст буда, дар фасли зимистон бо гармӣ таъмин мешавад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ дар иншооти навбунёд ба масъулин барои таъсиси ҳамин гуна марказҳо дар тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар, инчунин, интихобу ҷобаҷогузории омӯзгорон ва омода намудани мутахассисони сатҳи баланд дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

**8-уми ноябри соли равон дар шаҳри Бохтар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар назди Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Бохтар-шифер» корхонаи истеҳсоли бомпӯшҳои тунукагӣ ва сардхонаро мавриди истифода қарор доданд.**

Корхонаи нави истеҳсолӣ дар минтақаи саноатии шаҳри Бохтар, дар масоҳати 3000 метри мураббаъ, бо харҷи 5,4 миллион сомонӣ аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Ҳабибулло Муқимов дар доираи нақшаи чорабиниҳо ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ва «Солҳои рушди саноат» бунёд гардидааст.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки дар корхона наздики 30 намуд маҳсулоти гуногуни металлӣ барои бинокорӣ истеҳсол шуда, иқтидори он дар як моҳ беш аз 3000 метри тӯлонӣ бомпӯшҳои тунукагӣ мебошад.

Фаъолияти корхонаи мазкур дар ду баст ба роҳ монда шуда, дар он беш аз 20 нафар сокини маҳаллӣ бо кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардидаанд.

Иттилоъ дода шуд, ки бо афзун гардидани истеҳсоли ин намуд маҳсулот дар кишвар воридоти он аз хориҷ 40 фоиз коҳиш ёфтааст.

Санги асос барои бунёди корхона моҳи ноябри соли 2022 аз ҷониби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гузошта шуда буд ва он дар муддати ду сол бо сифати баланд сохта шуд.

Дар корхона се хати муосири технологӣ дастрас ва насб гардида, дар он новадон, пуштаи бом, ҳамвораҳо барои роғҳои иморат, пайвандак, қубур ва бомпӯшҳои гуногуни тунукагӣ бо назардошти талаботи бозор истеҳсол карда мешавад. Маҳсулоти истеҳсолӣ аз лиҳози намуд ва сифат ба талаботи меъёрҳои стандартӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар натиҷаи зиёд шудани талаботи бозор ба бомпӯшҳои тунукагӣ имконияти аз ин ҳам бештар истеҳсол кардани маҳсулот мавҷуд мебошад.



Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз корхона ва суҳбат бо кормандон ба иқдоми соҳибкори ватанӣ баҳои баланд дода, таъкид намуданд, ки бунёду ба истифода додани чунин корхонаю коргоҳҳо ба таъмини талаботи бозори дохилӣ бо маҳсулоти хушсифату рақобатпазир ва ивазкунандаи воридот боис гардида, бо ин роҳ метавон оянда иқтидори истеҳсолии кишварро боз ҳам афзоиш дод.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба беҳтар намудани сифати бомпӯшҳо, аз ҷумла рангубори он, тавсияҳои судманд доданд.

Дар ҳамин ҷо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намоиши маҳсулоти корхонаи навтаъсис ва дигар коргоҳҳои «Бохтар-шифер» шинос шуданд.

Зимни боздид аз намоишгоҳ Роҳбари давлат масъулинро вазифадор намуданд, ки барои афзоиши иқтидори истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, тавлиди номгӯи нави маҳсулоти босифати саноатӣ ва саҳм гузоштан дар рушди иқтисоди миллӣ дар оянда низ кӯшиш намоянд.

Бо мақсади хизматрасонии беҳтар дар самти беталаф нигоҳ доштани маҳсулот ва дар ҳама фаслҳои сол ба мардум пешниҳод кардани маҳсулоти тару тозаи кишоварзӣ дар назди корхонаи мазкур сардхонаи замонавӣ бунёд гардидааст, ки ғунҷоиши он 600 тоннаро ташкил медиҳад. Сардхонаи муосири «Бохтар-шифер» имкони дар шароити хуб нигоҳдории меваю сабзавотро доро буда, бо дастгоҳҳои худидорашавандаи муосир муҷаҳҳаз шудааст. Дастгоҳҳои замонавӣ ҳарорати сардхонаро ба дараҷаи зарурӣ нигоҳ медоранд. Чунин шароит имкон медиҳад, ки меваю сабзавот тару тоза ва босифат нигоҳ дошта шаванд.

Тариқи шартнома қабул ва нигоҳдории меваю сабзавоти тару тозаи аҳолӣ бошад, аз бартарияти дигари сардхонаи навбунёд ба шумор меравад.

**8-уми ноябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон корхонаи истеҳсоли гӯгирди ҶДММ «Расули Валӣ»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Ин корхонаи истеҳсолӣ дар минтақаи саноатӣ-истеҳсолии шаҳри Бохтар дар масоҳати умумии 10 ҳазор метри мураббаъ дар доираи тадбирҳои ободонӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд гардидааст.

Хати технологӣ ва дастгоҳу таҷҳизоти корхона аз Олмон ворид ва насб гардида, барои истеҳсоли маҳсулот ашёи хом қисман аз хориҷ ворид мегардад.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон итиллоъ доданд, ки иқтидори истеҳсолии корхона дар як рӯз 300 ва дар як сол 100 ҳазор қуттии шартӣ пешбинӣ шудааст.

Дар корхона 40 нафар сокини маҳаллӣ бо кори доимӣ ва маоши баланд таъмин гардидаанд, ки аксари коргарону мутахассисонро занон ташкил медиҳанд.

Корхона бо харҷи ду миллион сомонӣ сармояи дохилию хориҷӣ бунёд ёфта, истеҳсол ва бандубасти маҳсулот тавассути технологияи пешрафта ба роҳ монда шудааст. Коргарон аз ҷониби мутахассисони хориҷӣ ба омӯзиш фаро гирифта шудаанд.

Мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани боз як корхонаи саноатӣ дар шаҳри Бохтар дар рушди соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии вилояти Хатлон мусоидат мекунад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо маҳсулоти корхонаи навтаъсис шинос шуда, иқдоми соҳибкорони ватаниро дар самти тақвияти иқтидори истеҳсолии кишвар ибратбахш арзёбӣ намуданд.

Роҳбари давлат масъулинро вазифадор намуданд, ки барои афзоиши иқтидори истеҳсолӣ, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ, истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ва саҳм гузоштан дар рушди иқтисоди миллӣ дар оянда тадбирҳои бештар амалӣ намоянд.

Таъкид гардид, ки иқдоми Ҳукумати кишвар дар самти пешниҳоди имтиёзҳо ба соҳибкорон ва дастгирии ин қишри ҷомеа боис гардид, ки татбиқи нишондиҳандаҳои ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар таъмин карда шаванд.

**www.prezident.tj**

*(Идомаи гузоришҳо аз ҷараёни сафари кории Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Хатлон дар шумораи оянда нашр мешаванд).*

(Идома аз саҳ. 1)

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи иваз намудани номи баъзе воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва маҳалҳои аҳолинишини шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон**

- деҳаи Эшонободи деҳоти Гулистон ба деҳаи Яккачинор;
- деҳаи Оқгаза-1 деҳоти Гулистон ба деҳаи Хуррамдеҳ;
- деҳаи Оқгаза-2 деҳоти Гулистон ба деҳаи Хушбод;

4) дар ноҳияи Фархор:
- деҳаи Шарафи деҳоти Дарқад ба деҳаи Қалъаи Пушкок;
- деҳаи Муҳоҷирободи деҳоти Дарқад ба деҳаи Ховарон;
- деҳаи 1-Майи деҳоти Истиқлол ба деҳаи Пешаварон;
- деҳаи Нурмат Сафарови деҳоти Хутан ба деҳаи Дарёбод;
- деҳаи Ваҳдати деҳоти Хутан ба деҳаи Сурхкӯҳ;
- деҳаи 5-солагии Тоҷикистони деҳоти Хутан ба деҳаи Навдашт;
- деҳаи Ботур Давлатови деҳоти Хуросон ба деҳаи Даҳбед;
- деҳаи 25-солагии Тоҷикистони деҳоти Хуросон ба деҳаи Соҳилоб;

5) дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ:
- деҳоти Қаҳрамон ба деҳоти Заркӯҳ;
- деҳоти Меҳнатобод ба деҳоти Хоҷамуъмин;
- деҳаи Пушкини деҳоти Қаҳрамон ба деҳаи Лабирӯд;
- деҳаи Кодара-1 деҳоти Панҷрӯд ба деҳаи Кодара;
- деҳаи Кодара-2 деҳоти Панҷрӯд ба деҳаи Кодараи Пойин;
- деҳаи Сафар Гадоии деҳоти Панҷрӯд ба деҳаи Киштмайдон;
- деҳаи Маслуқи деҳоти Чубек ба деҳаи Барзгарон;
- деҳаи Тутбулоқи деҳоти Чубек ба деҳаи Тутчашма;
- деҳаи Нуғайи деҳоти Чубек ба деҳаи Дулоназор;
- деҳаи Туғули деҳоти Чубек ба деҳаи Куҳандиёр;
- деҳаи Тудабоёни деҳоти Чубек ба деҳаи Корвонкаш;
- деҳаи Қайрағочи деҳоти Чубек ба деҳаи Қадамҷо;
- деҳаи Янгиюли деҳоти Чубек ба деҳаи Навдеҳ;

6) дар ноҳияи Дӯстӣ:
- шаҳраки 20-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳраки Хуррамдиёр;
- деҳоти Гардӣ Гулмуродов ба деҳоти Анористон;
- деҳаи Марказии деҳоти Гардӣ Гулмуродов ба деҳаи Боргоҳ;
- деҳаи Пасариқи деҳоти Гардӣ Гулмуродов ба деҳаи Пасарғоб;
- деҳаи Тоҷикободи деҳоти Гардӣ Гулмуродов ба деҳаи Рахшонзамин;
- деҳаи Қаҳрамони деҳоти Гардӣ Гулмуродов ба деҳаи Паланггузар;
- деҳаи Ҷомии деҳоти Гардӣ Гулмуродов ба деҳаи Корвонгузар;
- деҳаи Қабодиёни шаҳраки 20-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба деҳаи Қубодиён;
- деҳаи Зафарободи шаҳраки 20-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба деҳаи Даштиработ;
- деҳаи Асрор Раҷабови деҳоти Ҷиликӯл ба деҳаи Анорбоғ;
- деҳаи Маҳрам Ҳотами деҳоти Ҷиликӯл ба деҳаи Офтобрӯ;
- деҳаи Лоҳутии деҳоти Ҷиликӯл ба деҳаи Панҷшер;
- деҳаи Умеди деҳоти Навзамин ба деҳаи Тоҷварон;
- деҳаи Қабодиёни деҳоти Деҳқонобод ба деҳаи Каёндеҳ;
- деҳаи Шурои деҳоти Деҳқонобод ба деҳаи Самангон;
- деҳаи Бештути деҳоти Деҳқонобод ба деҳаи Панҷтут;
- деҳаи Тоҷикободи деҳоти Деҳқонобод ба деҳаи Озодшаҳр;

7) дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ:
- деҳоти Калинин ба деҳоти Навбаҳор;
- деҳаи Ӯзбекободи деҳоти Калинин ба деҳаи Балхиён;
- деҳаи Бурбулоқи деҳоти Калинин ба деҳаи Чашма;
- деҳаи Панҷсолаи деҳоти Маданият ба деҳаи Навкат;
- деҳаи Ҳақиқати деҳоти Маданият ба деҳаи Қатордеҳ;
- деҳаи Янгиободи деҳоти Маданият ба деҳаи Навдиёр;
- деҳаи Қизилбайрақи деҳоти Маданият ба деҳаи Бофандагон;
- деҳаи Қизил-Юлдузи деҳоти Маданият ба деҳаи Лабиоб;
- деҳаи Қазоқободи деҳоти Маданият ба деҳаи Кӯҳи Сурх;
- деҳаи Маданияти деҳоти Маданият ба деҳаи Қатортут;
- деҳаи Меҳнати деҳоти Маданият ба деҳаи Гулмайдон;
- деҳаи Янгиери деҳоти Маданият ба деҳаи Хуррамзамин;
- деҳаи Марати деҳоти Маданият ба деҳаи Санамдеҳ;
- деҳаи Тераклитоғи деҳоти Маданият ба деҳаи Қадамҷо;
- деҳаи 6-ум насоси деҳоти Маданият ба деҳаи Даштмайдон;
- деҳаи Комсомоли деҳоти Навобод ба деҳаи Даҳана;
- деҳаи Калининободи деҳоти Навобод ба деҳаи Ҳунармандон;
- деҳаи Болшевики деҳоти Золи Зар ба деҳаи Чорсӯ;
- деҳаи Иттифоқи деҳоти Золи Зар ба деҳаи Лағмондиж;
- деҳаи Карл Маркси деҳоти Золи Зар ба деҳаи Оби Равон;
- деҳаи Пахтаарали деҳоти Золи Зар ба деҳаи Вахшрӯд;
- деҳаи Телмони деҳоти Золи Зар ба деҳаи Обшорон;
- деҳаи Узуни деҳоти Золи Зар ба деҳаи Шоҳроҳ;
- деҳаи Уртабузи деҳоти Золи Зар ба деҳаи Зартеппа;
- деҳаи Правдаи деҳоти Золи Зар ба деҳаи Сабздеҳ;
- деҳаи Фурманови деҳоти Золи Зар ба деҳаи Боғгаҳӣ;
- деҳаи Янги Юли деҳоти Золи Зар ба деҳаи Боғистон;
- деҳаи Фрунзеи деҳоти Навоӣ ба деҳаи Муқимиён;
- деҳаи Чкалови деҳоти Навоӣ ба деҳаи Шӯрзамин;
- деҳаи Будёнии деҳоти Навоӣ ба деҳаи Ангурзор;
- деҳаи Ёвонободи деҳоти Навоӣ ба деҳаи Ёвондеҳ;
- деҳаи Коммунари деҳоти Навоӣ ба деҳаи Ободдеҳ;
- деҳаи Янги Турмуши деҳоти Навоӣ ба деҳаи Ҳаёти Нав;
- деҳаи Коммунаи Парижи деҳоти Навоӣ ба деҳаи Шӯроб;
- деҳаи Докучаеви деҳоти Навоӣ ба деҳаи Зардоман;
- деҳаи Мичурини деҳоти Навоӣ ба деҳаи Зарбахш;
- деҳаи Роҳи Ленини деҳоти Навоӣ ба деҳаи Зарводӣ;
- деҳаи Гагарини деҳоти Ҳалевард ба деҳаи Лолазор;
- деҳаи Ленинградi деҳоти Ҳалевард ба деҳаи Корвонсарой;
- деҳаи Энгелси деҳоти Ҳалевард ба деҳаи Файзкат;
- деҳаи Шахтиёри деҳоти Ҳалевард ба деҳаи Заркон;
- деҳаи Лоҳутии деҳоти Ҳалевард ба деҳаи Асадобод;
- деҳаи Учқуни деҳоти Ҳалевард ба деҳаи Камолиён;
- деҳаи Максим Горкии деҳоти Ҳалевард ба деҳаи Талхачашма;
- деҳаи Ленини деҳоти Ҳалевард ба деҳаи Зархез;
- деҳаи Коммунисти деҳоти Ҳалевард ба деҳаи Ганҷобод;
- деҳаи Хлобкороби деҳоти Ҳалевард ба деҳаи Гулрез;
- деҳаи Истгоҳи Кирови деҳоти Ҳалевард ба деҳаи Вахё;

8) дар ноҳияи Ёвон:
- деҳаи Зулмободи деҳоти ба номи Ҳасан Ҳусейнов ба деҳаи Меҳробод;
- деҳаи Тилло Солиҳови деҳоти ба номи Ҳасан Ҳусейнов ба деҳаи Ширинчашма;
- деҳаи Қуймоти деҳоти ба номи Ҳасан Ҳусейнов ба деҳаи Челонзор;
- деҳаи Бӯстон-1 деҳоти ба номи Гулсара Юсуфова ба деҳаи Бӯстондеҳ;
- деҳаи Бӯстон-2 деҳоти ба номи Гулсара Юсуфова ба деҳаи Гулбоғ;
- деҳаи Тутбулоқи деҳоти ба номи Гулсара Юсуфова ба деҳаи Ширинтут;
- деҳаи Сарқамиши деҳоти ба номи Гулсара Юсуфова ба деҳаи Бостондеҳ;
- деҳаи Қашқараҳаи деҳоти Обшорон ба деҳаи Қошғарраҳа;
- деҳаи Қайнамаи деҳоти Обшорон ба деҳаи Ҳинддара;
- деҳаи Сангимуғули деҳоти Обшорон ба деҳаи Сангимуғон;
- деҳаи Парчасойи деҳоти Обшорон ба деҳаи Парчарӯд;
- деҳаи Қирғизободи деҳоти Обшорон ба деҳаи Ҳазордеҳ;
- деҳаи Оқсанглоқи деҳоти Норин ба деҳаи Дӯстон;
- деҳаи Мингчинори деҳоти Норин ба деҳаи Ҳазорчанор;
- деҳаи 1-Майи деҳоти Норин ба деҳаи Наврӯзгоҳ;
- деҳаи Бошқайнари деҳоти Норин ба деҳаи Кишоварзон;
- деҳаи Чучуи Калаки деҳоти Даҳана ба деҳаи Офтобрӯ;
- деҳаи Чучуи поёни деҳоти Даҳана ба деҳаи Гулзор;
- деҳаи Чучуи болои деҳоти Даҳана ба деҳаи Лолазор;

9) дар ноҳияи Восеъ:
- деҳоти Миралӣ Маҳмадалиев ба деҳоти Миралиобод;
- деҳоти Мирзоалӣ Вайсов ба деҳоти Бобошоҳиён;
- деҳаи Қайнари деҳоти Мирзоалӣ Вайсов ба деҳаи Сардиж;

10) дар ноҳияи Шамсиддини Шоҳин:
- деҳоти Шӯрообод ба деҳоти Теҳрай;
- деҳаи Зулмободи деҳоти Шӯрообод ба деҳаи Даҳбед;
- деҳаи Ирғайлуки деҳоти Шӯрообод ба деҳаи Шибарзамин;
- деҳаи Назарбойи деҳоти Чагам ба деҳаи Чашмаи Назар;
- деҳаи Тошбулоқи деҳоти Чагам ба деҳаи Сангчашма;
- деҳаи Одинабойи деҳоти Саричашма ба деҳаи Заргариён;
- деҳаи Ургулии деҳоти Саричашма ба деҳаи Регак;
- деҳаи Коргарони деҳоти Саричашма ба деҳаи Ҷангалак;
- деҳаи Ялабулии деҳоти Саричашма ба деҳаи Ялдеҳ;
- деҳаи Мирзоалии деҳоти Саричашма ба деҳаи Шоҳиён;
- деҳаи Носир Бобои деҳоти Саричашма ба деҳаи Носиробод;
- деҳаи Валиҷони деҳоти Лангардара ба деҳаи Валиобод;

11) дар ноҳияи Темурмалик:
- деҳоти Саидмуъмин Раҳимов ба деҳоти Гурдоварон;
- деҳаи Тошбулоқи деҳоти Саидмуъмин Раҳимов ба деҳаи Кӯҳдоман;
- деҳаи Бурдангали деҳоти Саидмуъмин Раҳимов ба деҳаи Баҳодурон;
- деҳаи Қазоқони деҳоти Саидмуъмин Раҳимов ба деҳаи Гурдондеҳ;
- деҳаи Давади деҳоти Саидмуъмин Раҳимов ба деҳаи Заркамар;
- деҳаи Нишон Болтаеви деҳоти Саидмуъмин Раҳимов ба деҳаи Нишеман;
- деҳаи Ҳасанбеги деҳоти Саидмуъмин Раҳимов ба деҳаи Саидмуъминобод;
- деҳаи Ойшабулоқи деҳоти Саидмуъмин Раҳимов ба деҳаи Ойшачашма;
- деҳаи Булақдашти деҳоти Саидмуъмин Раҳимов ба деҳаи Чашма;
- деҳаи Ҷайралии деҳоти Танобчӣ ба деҳаи Боғи Мирон;
- деҳаи Танобчии поёни деҳоти Танобчӣ ба деҳаи Танобчии Пойин;
- деҳаи Қирмаи деҳоти Кӯшктеппа ба деҳаи Болодеҳ;
- деҳаи Қушқияи болои деҳоти Кӯшктеппа ба деҳаи Кушки Боло;
- деҳаи Қушқияи поёнии деҳоти Кӯшктеппа ба деҳаи Кушки Пойин;
- деҳаи Қушқияи мобайни деҳоти Кӯшктеппа ба деҳаи Кушки Миёна;
- деҳаи Боғитемури деҳоти Кӯшктеппа ба деҳаи Сайлакон;
- деҳаи Товатоши деҳоти Кӯшктеппа ба деҳаи Товасанг;
- деҳаи Чилатоши деҳоти Кӯшктеппа ба деҳаи Чиласанг;
- деҳаи Ғурулдии деҳоти Кӯшктеппа ба деҳаи Хамдашт;
- деҳаи Чилчаи деҳоти Чилчаҳ ба деҳаи Диловарон;
- деҳаи Олмабулоқи деҳоти Чилчаҳ ба деҳаи Себзор;
- деҳаи Меҳнатободи деҳоти Чилчаҳ ба деҳаи Ҳалқаёр;
- деҳаи Қарақамиши деҳоти Ҳусайнобод ба деҳаи Найистон;
- деҳаи Олучабулоқи деҳоти Ҳусайнобод ба деҳаи Гулдоман;
- деҳаи Чавроқи деҳоти Кангурт ба деҳаи Чаврoғ;
- деҳаи Сафарбоёни деҳоти Кангурт ба деҳаи Хоҷаи Нур;
- деҳаи Қариғочи деҳоти Кангурт ба деҳаи Чаманзор;
- деҳаи Чалишиёни деҳоти Кангурт ба деҳаи Соҳилоб;

12) дар ноҳияи Балҷувон:
- деҳоти Тоҷикистон ба деҳоти Сафедчашма;
- деҳоти ба номи Сайф Раҳим ба деҳоти Сафобахш;
- деҳоти ба номи Сафар Амиршоев ба деҳоти Куҳаншаҳр;
- деҳаи Туркони деҳоти Балҷувон ба деҳаи Заркамар;
- деҳаи Қучабулоқи деҳоти Балҷувон ба деҳаи Деҳбаланд;
- деҳаи Дашти ҷантоқи деҳоти Балҷувон ба деҳаи Даштировез;
- деҳаи Охбулоқи деҳоти Тоҷикистон ба деҳаи Симчашма;
- деҳаи Солмолидашти деҳоти Тоҷикистон ба деҳаи Ҳомиён;
- деҳаи Сулдӯзии деҳоти ба номи Сайф Раҳим ба деҳаи Ялдиж;
- деҳаи Узнохури деҳоти ба номи Сайф Раҳим ба деҳаи Чиноро;
- деҳаи Беди бахтурайи деҳоти ба номи Сайф Раҳим ба деҳаи Даҳбед;
- деҳаи Ҷарқуруғи деҳоти ба номи Сафар Амиршоев ба деҳаи Сафардеҳ;
- деҳаи Анабойи деҳоти ба номи Сафар Амиршоев ба деҳаи Зармайдон;
- деҳаи Боймирзои деҳоти ба номи Сафар Амиршоев ба деҳаи Маликдашт;
- деҳаи Сияҳлояки деҳоти ба номи Сафар Амиршоев ба деҳаи Баҳорак;
- деҳаи Тойдараи деҳоти Сари Хосор ба деҳаи Ҳазораспон;

13) дар ноҳияи Панҷ:
- деҳаи 15-солагии Тоҷикистони деҳоти ба номи Кабут Сайфутдинов ба деҳаи Вахшон;
- деҳаи Буркаи деҳоти ба номи Кабут Сайфутдинов ба деҳаи Гулбоғ;
- деҳаи Комсомоли деҳоти ба номи Кабут Сайфутдинов ба деҳаи Ҷавонон;
- деҳаи Правдаи деҳоти ба номи Кабут Сайфутдинов ба деҳаи Кабутоб;
- деҳаи Отчапари деҳоти Озодагон ба деҳаи Аспрес;
- деҳаи Сармантой -1 деҳоти Озодагон ба деҳаи Зуҳуриён;
- деҳаи Сармантой -2 деҳоти Озодагон ба деҳаи Навдеҳ;
- деҳаи Совхози Панҷи деҳоти Озодагон ба деҳаи Навдиёр;
- деҳаи Турдишайхи деҳоти Озодагон ба деҳаи Боғдара;
- деҳаи Шоҳмоти деҳоти Озодагон ба деҳаи Куҳандеҳ;
- деҳаи Уртабулоқи деҳоти Меҳвар ба деҳаи Панҷрӯд;
- деҳаи Юқорихоҷаи деҳоти Меҳвар ба деҳаи Панҷоб;
- деҳаи Эчкаи деҳоти Меҳвар ба деҳаи Шоҳгузар;
- деҳаи Андиҷони деҳоти Меҳвар ба деҳаи Андигон;
- деҳаи Араби деҳоти Меҳвар ба деҳаи Арабдеҳ;
- деҳаи Коммунизми деҳоти Намуна ба деҳаи Барзгарон;
- деҳаи Намунаи деҳоти Намуна ба деҳаи Зармайдон;
- деҳаи Қумсойи деҳоти Намуна ба деҳаи Регистон;
- деҳаи Пешқадам-1 деҳоти Намуна ба деҳаи Некманзар;
- деҳаи Пешқадам-2 деҳоти Намуна ба деҳаи Хушманзар;
- деҳаи Куйтемези деҳоти Намуна ба деҳаи Ганҷдеҳ;
- деҳаи Сомонӣ - 1 деҳоти Намуна ба деҳаи Сомонӣ;
- деҳаи Сомонӣ - 2 деҳоти Намуна ба деҳаи Сомонкат;
- деҳаи Сомонӣ - 3 деҳоти Намуна ба деҳаи Сомондеҳ;
- деҳаи Сомонӣ - 4 деҳоти Намуна ба деҳаи Зарзамин;
- деҳаи 10-солагии Ваҳдати деҳоти Намуна ба деҳаи Ваҳдатобод;
- деҳаи Туғули деҳоти Нури Ваҳдат ба деҳаи Навзамин;

14) дар ноҳияи Шаҳритус:
- шаҳраки Шаҳритуз ба шаҳраки Тус;
- деҳоти ба номи Худойназар Холматов ба деҳоти Тоҷдорон;
- деҳоти ба номи Ҷӯра Назаров ба деҳоти Айваҷ;
- деҳаи Қизиласкари деҳоти ба номи Талбак Садриддинов ба деҳаи Тусиён;
- деҳаи Лочин Нурови деҳоти ба номи Талбак Садриддинов ба деҳаи Лочинобод;
- деҳаи Лолазори деҳоти ба номи Талбак Садриддинов ба деҳаи Гулзор;
- деҳаи Шарқи деҳоти ба номи Талбак Садриддинов ба деҳаи Шамолдара;
- деҳаи Чӯянчии деҳоти ба номи Талбак Садриддинов ба деҳаи Чӯянгарон;
- деҳаи Бирлаши деҳоти ба номи Худойназар Холматов ба деҳаи Зардолубоғ;
- деҳаи ба номи Ёқуб Каримови деҳоти ба номи Худойназар Холматов ба деҳаи Болошаҳр;
- деҳаи Ленинободи деҳоти ба номи Худойназар Холматов ба деҳаи Сомониён;
- деҳаи Свердлови деҳоти ба номи Худойназар Холматов ба деҳаи Ориёндеҳ;
- деҳаи Рӯдакии деҳоти ба номи Худойназар Холматов ба деҳаи Гулобод;
- деҳаи Меҳргони деҳоти ба номи Худойназар Холматов ба деҳаи Хуррамбаҳор;
- деҳаи Қумшохи деҳоти ба номи Худойназар Холматов ба деҳаи Сангтеппа;
- деҳаи Қаҳрамони деҳоти ба номи Худойназар Холматов ба деҳаи Пойиншаҳр;
- деҳаи Янгиободи деҳоти Пахтаобод ба деҳаи Навкат;
- деҳаи Қарашувоқи деҳоти Пахтаобод ба деҳаи Марғзор;
- деҳаи Олтинсойи деҳоти Пахтаобод ба деҳаи Ганҷдара;
- деҳаи Гагарини деҳоти Пахтаобод ба деҳаи Себистон;
- деҳаи ПМК-и деҳоти Пахтаобод ба деҳаи Зархез;
- деҳаи Ватани деҳоти Обшорон ба деҳаи Биҳизор;
- деҳаи Обшорони деҳоти Обшорон ба деҳаи Ободдеҳ;
- деҳаи Асомуддин Муродови деҳоти ба номи Ҷура Назаров ба деҳаи Ганҷраҳа;
- деҳаи Ҷамъияти деҳоти ба номи Ҷӯра Назаров ба деҳаи Деҳқонсарой;
- деҳаи Хушодии деҳоти ба номи Ҷӯра Назаров ба деҳаи Хуршодӣ;

15) дар ноҳияи Носири Хусрав:
- деҳоти Фирӯза ба деҳоти Тахти Хусрав;
- деҳоти Наврӯз ба деҳоти Ганҷдеҳ;
- деҳоти Истиқлол ба деҳоти Хуталон;
- деҳаи Ҷалолиддин Муҳамедови деҳоти Фирӯза ба деҳаи Ғаллакор;
- деҳаи 20-солагии Истиқлолияти деҳоти Фирӯза ба деҳаи Обичашма;
- деҳаи Муродтеппа-1 деҳоти Фирӯза ба деҳаи Тали Боло;
- деҳаи Муродтеппа-2 деҳоти Фирӯза ба деҳаи Тали Пойин;
- деҳаи Тулагановi деҳоти Фирӯза ба деҳаи Кӯҳкамар;
- деҳаи Фирӯзаи деҳоти Фирӯза ба деҳаи Лаби Ҳавз;
- деҳаи Ваҳдати деҳоти Фирӯза ба деҳаи Сангистон;
- деҳаи Гагарини деҳоти Фирӯза ба деҳаи Корвонгузар;
- деҳаи Ҳоҷӣ Маҳаммадшукури деҳоти Фирӯза ба деҳаи Кишоварзон;
- деҳаи Бешкент-5 деҳоти Фирӯза ба деҳаи Панҷканд;
- деҳаи Орзуи деҳоти Фирӯза ба деҳаи Зарзамин;
- деҳаи Рузиободи деҳоти Фирӯза ба деҳаи Гузари Нав;
- деҳаи Бердиалӣ Тоҷиеви деҳоти Истиқлол ба деҳаи Миргузар;
- деҳаи Бобоқул Хидирови деҳоти Истиқлол ба деҳаи Тутзор;
- деҳаи Бешкаппаи деҳоти Наврӯз ба деҳаи Панҷдеҳ;
- деҳаи Қоракамари деҳоти Наврӯз ба деҳаи Зардолубоғ;
- деҳаи Сангоба-1 деҳоти Наврӯз ба деҳаи Сангоба;
- деҳаи Сангоба-2 деҳоти Наврӯз ба деҳаи Оби Шифо;

16) дар ноҳияи Вахш:
- шаҳраки Киров ба шаҳраки Зарнисор;
- деҳоти Тоҷикобод ба деҳоти Файзи Истиқлол;
- деҳаи Янгиариқи шаҳраки Киров ба деҳаи Мусаффо;
- деҳаи Қизилсойи шаҳраки Киров ба деҳаи Гулбоғ;
- деҳаи Оқгазаи шаҳраки Киров ба деҳаи Сафеддашт;
- деҳаи Янгиҳаёти шаҳраки Киров ба деҳаи Сафобахш;
- деҳаи Янгиери шаҳраки Киров ба деҳаи Навзамин;
- деҳаи Қӯштеппаи шаҳраки Киров ба деҳаи Кӯшктеппа;
- деҳаи Мардатсойи шаҳраки Киров ба деҳаи Муроддеҳ;
- деҳаи Тепалики шаҳраки Киров ба деҳаи Хоҷагулгун;
- деҳаи Ленини шаҳраки Киров ба деҳаи Баракат;
- деҳаи Октябри шаҳраки Киров ба деҳаи Обшорон;
- деҳаи Тоҷикистони шаҳраки Киров ба деҳаи Файзбахш;
- деҳаи Оқтеппаи шаҳраки Киров ба деҳаи Сафедпушта;
- деҳаи Ботурободи шаҳраки Киров ба деҳаи Баҳодурон;
- деҳаи 8-уми Марти шаҳраки Киров ба деҳаи Гулзамин;
- деҳаи МОПР-и деҳоти Тоҷикобод ба деҳаи Дурахшон;
- деҳаи Пролетари деҳоти Тоҷикобод ба деҳаи Ҳамдилон;

17) дар ноҳияи Хуросон:
- шаҳраки Обикиик ба шаҳраки Хуррамшаҳр;
- деҳоти Қизилқалъа ба деҳоти Сурхқалъа;
- деҳаи 18-ҳизби деҳоти Садриддин Айнӣ ба деҳаи Чордеҳ;
- деҳаи Коммунизми деҳоти Садриддин Айнӣ ба деҳаи Обдара;
- деҳаи Томчии деҳоти Садриддин Айнӣ ба деҳаи Баландкӯҳ;
- деҳаи Шӯрбулоқи деҳоти Садриддин Айнӣ ба деҳаи Чашмасор;
- деҳаи Қушличи деҳоти Ғаллаобод ба деҳаи Боғистон;
- деҳаи Меҳнатобод-1 деҳоти Ғаллаобод ба деҳаи Меҳнатобод;
- деҳаи Меҳнатобод-2 деҳоти Ғаллаобод ба деҳаи Курушгирд;
- деҳаи Челониҳои деҳоти Ғаллаобод ба деҳаи Челонзор;
- деҳаи Эшмаи деҳоти Ғаллаобод ба деҳаи Пистазор;
- деҳаи Исмоили Сомонии деҳоти Ҳилолӣ ба деҳаи Фуруғдеҳ;
- деҳаи Ҳилолӣ-1 деҳоти Ҳилолӣ ба деҳаи Ҳилолӣ;
- деҳаи Ҳилолӣ-2 деҳоти Ҳилолӣ ба деҳаи Кишоварзон;
- деҳаи 20-солагии Истиқлолияти деҳоти Фахробод ба деҳаи Корвонгирд;
- деҳаи Ваҳдати деҳоти Фахробод ба деҳаи Гулбоғ;
- деҳаи Субҳи деҳоти Фахробод ба деҳаи Аёнчашма;
- деҳаи Нусратулло Махсуми деҳоти Фахробод ба деҳаи Нусратобод;
- деҳаи Ҳаёти нав -1 деҳоти Қизилқалъа ба деҳаи Ҳаёти Нав;
- деҳаи Ҳаёти нав -2 деҳоти Қизилқалъа ба деҳаи Боғпарварон;

18) дар ноҳияи Ховалинг:
- шаҳраки Ховалинг ба шаҳраки Мунк;
- деҳаи Сиёҳкӯртаҳои деҳоти Ғаффор Мирзо ба деҳаи Сояхам;
- деҳаи Охтоши деҳоти Ғаффор Мирзо ба деҳаи Сафедсанг;
- деҳаи Дӯстқулии деҳоти Ғаффор Мирзо ба деҳаи Дӯстӣ;
- деҳаи Ёхсуободи деҳоти Ғаффор Мирзо ба деҳаи Оҳудашт;
- деҳаи Тикони деҳоти Ғаффор Мирзо ба деҳаи Деҳқон;
- деҳаи Хонақои поёни деҳоти Лоҳутӣ ба деҳаи Хонақои Пойин;
- деҳаи Бағлисойи деҳоти Лоҳутӣ ба деҳаи Боғистон;
- деҳаи Қарағочи деҳоти Лоҳутӣ ба деҳаи Садазор;
- деҳаи Буғдояки деҳоти Лоҳутӣ ба деҳаи Гандумак;
- деҳаи Момайии деҳоти Лоҳутӣ ба деҳаи Момодеҳ;
- деҳаи Чанори деҳоти Лоҳутӣ ба деҳаи Чиноро;

19) дар ноҳияи Абдураҳмони Ҷомӣ:
- шаҳраки Абдураҳмони Ҷомӣ ба шаҳраки Хоҷамастон;
- деҳоти Қадриддин Ғиёсов ба деҳоти Хуррамдиёр;
- деҳоти Иттифоқ ба деҳоти Вахшон;
- деҳоти Калинин ба деҳоти Меҳробод;
- деҳоти 50-солагии Тоҷикистон ба деҳоти Сайёд;
- деҳаи Тоҷикистони сурхи деҳоти Қадриддин Ғиёсов ба деҳаи Тоҷварон;
- деҳаи Озодии шарқи деҳоти Қадриддин Ғиёсов ба деҳаи Заркорон;
- деҳаи Коминтерни деҳоти Қадриддин Ғиёсов ба деҳаи Кӯшонобод;
- деҳаи Саъдии деҳоти Қадриддин Ғиёсов ба деҳаи Миёндеҳ;
- деҳаи Рӯдакии деҳоти Қадриддин Ғиёсов ба деҳаи Каёндеҳ;
- деҳаи Арали деҳоти Қадриддин Ғиёсов ба деҳаи Себдара;
- деҳаи Исмоили Сомонии деҳоти Иттифоқ ба деҳаи Сомондеҳ;
- деҳаи Роҳи Ленини деҳоти Ифтихор ба деҳаи Пирӯзон;
- деҳаи Холмуродтеппаи деҳоти Ифтихор ба деҳаи Пистазор;
- деҳаи Кӯрабдукарими деҳоти Ифтихор ба деҳаи Арчазор;
- деҳаи Наволики деҳоти Ифтихор ба деҳаи Чашмасор;
- деҳаи Навобод-1 деҳоти Ифтихор ба деҳаи Барзгарон;
- деҳаи Роҳи сотсиализми деҳоти Калинин ба деҳаи Хуррамдеҳ;
- деҳаи 1-майи деҳоти 50-солагии Тоҷикистон ба деҳаи Фараҳбахш;

20) дар ноҳияи Муъминобод:
- шаҳраки Муъминобод ба шаҳраки Чорсӯ;
- деҳоти ба номи Нуралишо Назаров ба деҳоти Чашмасорон;
- деҳоти ба номи Шамсиддин Шоҳин ба деҳоти Тутиён;
- деҳаи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии деҳоти ба номи Шамсиддин Шоҳин ба деҳаи Рӯдакӣ;
- деҳаи Толеи деҳоти ба номи Шамсиддин Шоҳин ба деҳаи Чорчаман;
- деҳаи Ҷалолиддини Румии деҳоти ба номи Шамсиддин Шоҳин ба деҳаи Балхобӣ;
- деҳаи Тутуи деҳоти ба номи Шамсиддин Шоҳин ба деҳаи Тутбоғ;
- деҳаи Чубеки деҳоти ба номи Шамсиддин Шоҳин ба деҳаи Чӯбдара;
- деҳаи Сангдараи поёни деҳоти ба номи Шамсиддин Шоҳин ба деҳаи Сангдараи Пойин;
- деҳаи Толеи нави деҳоти ба номи Шамсиддин Шоҳин ба деҳаи Чашмасори Боло;
- деҳаи Чуқурқишлоқи деҳоти Боғгаӣ ба деҳаи Хамдеҳ;
- деҳаи Шаймирии деҳоти Боғгаӣ ба деҳаи Шайхмирӣ;
- деҳаи Шулулии деҳоти Балхобӣ ба деҳаи Сардоб;
- деҳаи Туркони деҳоти Балхобӣ ба деҳаи Торконӣ;
- деҳаи Теболайи деҳоти Балхобӣ ба деҳаи Корвонраҳа;
- деҳаи Ҷидабулоқи деҳоти Балхобӣ ба деҳаи Санҷидзор;
- деҳаи Олимтойи деҳоти Балхобӣ ба деҳаи Оламтоб;
- деҳаи Сармайдон-1 деҳоти Деҳибаланд ба деҳаи Сармайдони Боло;
- деҳаи Сармайдон-2 деҳоти Деҳибаланд ба деҳаи Сармайдони Пойин;
- деҳаи Хонбегии деҳоти Деҳибаланд ба деҳаи Хосабоғ;
-деҳаи Шаҳринави поёни деҳоти Деҳибаланд ба деҳаи Шаҳринави Пойин;
- деҳаи Истиқлолияти деҳоти ба номи Нуралишо Назаров ба деҳаи Тоқабуна;
- деҳаи Чарғи поёни деҳоти ба номи Нуралишо Назаров ба деҳаи Чарғи Пойин;
- деҳаи Ғофилободи деҳоти ба номи Нуралишо Назаров ба деҳаи Ғайратобод;
- деҳаи Дараи Маҳмуди деҳоти ба номи Нуралишо Назаров ба деҳаи Маҳмуддара;
- деҳаи Деғламони деҳоти ба номи Нуралишо Назаров ба деҳаи Деғилмон;
- деҳаи Боғалидоди деҳоти Чилдухтарон ба деҳаи Боғдеҳ;

21) дар ноҳияи Данғара:
- деҳаи Сафобахши деҳоти Сафобахш ба деҳаи Сафедоб;
- деҳаи Туябуюни деҳоти Корез ба деҳаи Уштурак;
- деҳаи Данғараи болои деҳоти Корез ба деҳаи Раҳмониён;
- деҳаи Қуруқсойи деҳоти Корез ба деҳаи Сомондеҳ;
- деҳаи Фурӯдгоҳи деҳоти Сангтуда ба деҳаи Зарнисор;
- деҳаи Навбунёди деҳоти Сангтуда ба деҳаи Чортут;
- деҳаи Булакдашти деҳоти Сангтуда ба деҳаи Даштчашма;
- деҳаи Булёни Поёни деҳоти ба номи Исмат Шарифов ба деҳаи Булёни Пойин;
- деҳаи Дурахшон-2, деҳоти ба номи Исмат Шарифов ба деҳаи Гуларғоб;
- деҳаи Билисуфи деҳоти Себистон ба деҳаи Суфгарон;

22) дар ноҳияи Кӯшониён:
- шаҳраки Исмоили Сомонӣ ба шаҳраки Сомониён;
- деҳаи Тоҷикободи деҳоти Навбаҳор ба деҳаи Дурахшон;
- деҳаи Истиқлоли деҳоти Навбаҳор ба деҳаи Зиндкон;
- деҳаи Кирови деҳоти Заргар ба деҳаи Рахшонзамин;
- деҳаи Пушкини деҳоти Заргар ба деҳаи Гулпушта;
- деҳаи Иттифоқи деҳоти Заргар ба деҳаи Ҳамгироён;
- деҳаи Крупскаяи деҳоти Заргар ба деҳаи Файзбахш;
- деҳаи Максим Горкии деҳоти Заргар ба деҳаи Баҳорак;
- деҳаи 8-марти деҳоти Заргар ба деҳаи Гулзамин;
- деҳаи Қизилпартизани деҳоти Заргар ба деҳаи Фарзонагон;
- деҳаи Барои Ҳосилоти деҳоти Заргар ба деҳаи Деҳварз;
- деҳаи Хушвахти деҳоти Заргар ба деҳаи Хушбахт;
- деҳаи Комсомоли деҳоти Заргар ба деҳаи Барзгар;
- деҳаи Орҷоникидзеи деҳоти Заргар ба деҳаи Рӯдхона;
- деҳаи Чапаеви деҳоти Заргар ба деҳаи Хуррамдашт;
- деҳаи Тоштеппаи деҳоти Заргар ба деҳаи Лолазор;
- деҳаи Заводи Хишти деҳоти Заргар ба деҳаи Хиштсозон;
- деҳаи Мирзо Турсунзодаи деҳоти Заргар ба деҳаи Шедрӯд;
- деҳаи Болшевики деҳоти Заргар ба деҳаи Пешоварон;
- деҳаи Механизатори шаҳраки Бӯстонқалъа ба деҳаи Вахшрӯд;
- деҳаи Озодии меҳнати шаҳраки Бӯстонқалъа ба деҳаи Меҳрангез;
- деҳаи УКЖД шаҳраки Бӯстонқалъа ба деҳаи Заршӯён;
- деҳаи Лермонтови шаҳраки Бӯстонқалъа ба деҳаи Кошифӣ;
- деҳаи Димитрови шаҳраки Бӯстонқалъа ба деҳаи Меҳрканд;
- деҳаи СМП-540 шаҳраки Бӯстонқалъа ба деҳаи Навроҳа;
- деҳаи Эргаши шаҳраки Бӯстонқалъа ба деҳаи Деҳи Боло;
- деҳаи Умарқазоқи шаҳраки Бӯстонқалъа ба деҳаи Боғдара;
- деҳаи Свердлови деҳоти Сарвати Истиқлол ба деҳаи Гулзор;
- деҳаи Пахтақайнари деҳоти Сарвати Истиқлол ба деҳаи Пахтаобод;
- деҳаи Академияи деҳоти Сарвати Истиқлол ба деҳаи Орифон;
- деҳаи Уртабузи деҳоти Сарвати Истиқлол ба деҳаи Миёндеҳ;
- деҳаи Байналмилали деҳоти Сарвати Истиқлол ба деҳаи Лангар;
- деҳаи 20-солагии Истиқлолияти деҳоти Сарвати Истиқлол ба деҳаи Меҳробод;
- деҳаи Куган Гулови деҳоти Сарвати Истиқлол ба деҳаи Нозгул;
- деҳаи Қизилюлдузи деҳоти Ориён ба деҳаи Чорҷӯ;
- деҳаи Оқолтини деҳоти Ориён ба деҳаи Пахтакор;
- деҳаи Қовунтеппаи шаҳраки Бохтариён ба деҳаи Пуштакӯҳ;
- деҳаи Ғозималики шаҳраки Бохтариён ба деҳаи Хоҷамастон;
- деҳаи Турдиеви шаҳраки Бохтариён ба деҳаи Тоҷобод;
- деҳаи Хоҷибойи шаҳраки Бохтариён ба деҳаи Соҳибкор;
- деҳаи Ортоди шаҳраки Бохтариён ба деҳаи Миёндеҳ;
- деҳаи Октябри кабири шаҳраки Бохтариён ба деҳаи Хуррамдеҳ;
- деҳаи Пасариқи шаҳраки Бохтариён ба деҳаи Пасарғоб;
- деҳаи Гагарини деҳоти Меҳнатобод ба деҳаи Каёндашт;
- деҳаи Ҷони сонии деҳоти Меҳнатобод ба деҳаи Умед;
- деҳаи Янгифарғонаи деҳоти Меҳнатобод ба деҳаи Фарғониён;
- деҳаи Қизил Байрақи деҳоти Меҳнатобод ба деҳаи Зарбдорон;
- деҳаи Қизилгули деҳоти Меҳнатобод ба деҳаи Гулдаман;

23) дар ноҳияи Ҷайҳун:
- деҳоти Яккадин ба деҳоти Яккадеҳ;
- деҳаи Кирови деҳоти Яккадин ба деҳаи Навдиж;
- деҳаи Ҷалолиддини Балхии деҳоти Яккадин ба деҳаи Балхиён;
- деҳаи Яккадини деҳоти Яккадин ба деҳаи Гулзамин;
- деҳаи Максим Горкий деҳоти Яккадин ба деҳаи Ҳуснобод;
- деҳаи Ваҳдати деҳоти Панҷ ба деҳаи Марзкат;
- деҳаи Панҷи поёни деҳоти Панҷ ба деҳаи Панҷи Пойин;
- деҳаи Истиқлоли деҳоти Панҷ ба деҳаи Гулрез;
- деҳаи Якуми майи деҳоти Панҷ ба деҳаи Вахшондеҳ;
- деҳаи Озодӣ-1 шаҳраки Дӯстӣ ба деҳаи Корамдеҳ;
- деҳаи Тоҷикистони деҳоти Қумсангир ба деҳаи Рӯдбор;
- деҳаи Қумсангири деҳоти Қумсангир ба деҳаи Регдашт;
- деҳаи Энгелси деҳоти Ваҳдати миллӣ ба деҳаи Фотеҳон;
- деҳаи Телмани деҳоти Истиқлол ба деҳаи Ободон;

24) дар ноҳияи Қубодиён:
- деҳоти Утақара Назаров ба деҳоти Қайқубод;
- деҳоти Ишмурод Ниёзов ба деҳоти Чорбоғ;
- деҳоти 20-солагии Истиқлол ба деҳоти Вобканд;
- деҳаи Учқунободи деҳоти Заркамар ба деҳаи Деҳбаланд;
- деҳаи Чинортуғайи деҳоти Заркамар ба деҳаи Чинористон;
- деҳаи Рудақули деҳоти Заркамар ба деҳаи Рӯдак;
- деҳаи Чимгилиши деҳоти Заркамар ба деҳаи Чимпӯштӣ;
- деҳаи Бошқалъаи деҳоти ба номи Утақара Назаров ба деҳаи Саридиж;
- деҳаи Қаблаи деҳоти ба номи Утақара Назаров ба деҳаи Озодагон;
- деҳаи Пакалаи деҳоти Ишмурод Ниёзов ба деҳаи Дубеда;
- деҳаи Юлдузқоқи деҳоти Ишмурод Ниёзов ба деҳаи Ялдиж;
- деҳаи Қизил-Тоҷикистони шаҳраки Қубодиён ба деҳаи Сурхон;
- деҳаи Ёбузи шаҳраки Қубодиён ба деҳаи Домдорон;
- деҳаи Палвонтуғайи деҳоти ба номи Носири Хусрав ба деҳаи Сабздаман;
- деҳаи Ғишткупрӯки деҳоти ба номи Носири Хусрав ба деҳаи Хиштпӯл;
- деҳаи Ахчаи деҳоти ба номи Носири Хусрав ба деҳаи Куҳандеҳ;
- деҳаи Охунбобоеви деҳоти 20-солагии Истиқлол ба деҳаи Кайрӯд;
- деҳаи Мирзо Турсунзодаи деҳоти 20-солагии Истиқлол ба деҳаи Хушманзар;
- деҳаи Қушачинори деҳоти 20-солагии Истиқлол ба деҳаи Чаноро;
- деҳаи Лайлакуяи деҳоти 20-солагии Истиқлол ба деҳаи Лайлакон;
- деҳаи Қизилнишони деҳоти 20-солагии Истиқлол ба деҳаи Парчами Ковиён;
- деҳаи Авестои деҳоти Тахти Сангин ба деҳаи Озаркада;
- деҳаи Садриддин Айнии деҳоти Тахти Сангин ба деҳаи Ахтарсо;
- деҳаи Чкалови деҳоти Тахти Сангин ба деҳаи Зархок.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон — Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 5 ноябри соли 2024, №559**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудани Мирзозода Н.М.**

Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мутобиқи моддаи 56 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Мирзозода Неъмат Мирзо судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон — Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 5 ноябри соли 2024, №560**

# «КОНСТИТУТСИЯ - БАХТНОМАИ МИЛЛАТ»

**Бо ҳамин ном 5-уми ноябри соли 2024 дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид.**





Зимни ифтитоҳ Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода вакилони Маҷлиси намояндагон ва кормандони ин мақоми олии қонунбарорро ба муносибати 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик гуфта, аз ҷумла иброз дошт, ки Конститутсия санади муҳиму тақдирсози миллат буда, бо ибтикори бевосита ва ташаббуси дурбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар як давраи душвори сиёсӣ таҳия ва қабул гардид.

- Қабули ин санади тақдирсоз бо мазмуну моҳияти ҷавобгӯ ба талаботи ҷаҳони муосир, дар баробари дигар хизматҳои бузургу қиёснашавандаи Пешвои миллат, ташаккули давлати навини тоҷикон ва фароҳам овардани асосҳои ҳуқуқии он, инчунин, баҳри рушди устувори минбаъдаи тамоми соҳаҳо заминаи воқеӣ гардид. Қабули Конститутсия дар вазъи басо душвори сиёсию иқтисодӣ ва нобасомонию мушкилоти солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ рост омада, Тоҷикистонро ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона расман ба ҷаҳониён муаррифӣ кард. Албатта, ин ҳама самараи заҳматҳои шабонарӯзӣ ва талошҳои устувору пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки бевосита Раиси Комиссияи конститутсионӣ буданд, - таъкид намуд Маҳмадтоир Зокирзода.

Тавре зикр шуд, бо роҳбарию роҳнамоиҳои Раиси Комиссияи конститутсионӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санади тақдирсози миллат - Конститутсия таҳия ва 6 ноябри соли 1994 бо назардошти фикру андеша ва таклифу пешниҳодҳои мардуми Тоҷикистон аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид.

- Мо ҳама вақт шукргузор ва ифтихормандем, ки дар чунин шароити печида ва душвори сиёсӣ Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мардуми ҷафодидаи мо Пешво - лидери сиёсии ватандӯсту боҷуръат, ҷавонмарди далеру шуҷоъ, дурбину дурандеш, дорои мавқеи устувор ва соҳибибтикор муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро эҳдо намуд. Мутмаинем, ки бо сарварии ин абармарди нотакрор нуфузу обрӯи Тоҷикистони азиз дар арсаи байналмилалӣ болотар рафта, боз ҳам ободу зеботар ва пешрафта мегардад, - афзуд Раиси Маҷлиси намояндагон М. Зокирзода. - Тавре Пешвои миллат борҳо таъкид намудаанд: «Конститутсияи Тоҷикистон паёми руҳи бешикасту озодипарастии миллати тоҷик ба мардумони дунё ва маҷмӯи ормону ниятҳои ниёгон, дастури кору зиндагии наслҳои имрӯзу фардои миллати мутамаддини тоҷик аст».

Зимни чорабинӣ иброз гардид, ки Конститутсия баробарии ҳамаро дар назди қонун эълон намуда, кафолати ҳуқуқу озодиҳоро ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва моликият, ба дӯши давлат вогузор намудааст ва ин, дар маҷмӯъ, барои бунёди ҷомеаи воқеан демократӣ, ки дар он халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ мебошад, шароити мусоид фароҳам меорад. Риояи Конститутсия, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва Истиқлоли давлатии кишвар, таҳкими қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд шарти муҳими пешрафти давлат буда, мо бояд ба Конститутсия ҳамчун санади муқаддас ва барномаи асосии фаъолияти давлат ва зиндагии ҷомеа муносибат намоем.

Дар назди ҳозирин, ҳамчунин, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Рустам Шоҳмурод, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода, вакили Маҷлиси намояндагон Бибиосия Аюбӣ ва муовини сардори раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон Воҳидҷон Аслонов роҷеъ ба нақши Конститутсия дар ташкили давлатдории навини миллӣ изҳори андеша намуданд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМО ҶТ**




# КОНСТИТУТСИЯ
## САНАДЕ, КИ РИОЯАШ БАРОЯМОН ФАРЗУ СУННАТ АСТ

**Шашуми ноябри соли равон аз рӯзи қабули волотарин ва муҳимтарин санади ҳуқуқии кишвар - Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон 30 сол пур шуд.**

Вақт довари таърих аст ва 30 соли сипаришуда ғалат будани фикри баъзе таҳлилгаронро собит намуд, ки онҳо қабули Конститутсия, шакли идоракунӣ ва ҳам шакли сохтори давлати қонунӣ дар соли 1994-ро ба нафъи ҳокимияти ҳамонвақта ва як гурӯҳи иҷтимоӣ маънидод мекарданд. Конститутсияи мо нисбат ба вазифаҳои ҳуқуқию муассисиаш аз ҳама муҳим ва беҳтару саривақтӣ вазифаи муттаҳидгардониро ба иҷро расонид.

Дар марҳилаи хеле ҳассоси сиёсиву иҷтимоӣ бо роҳбарию роҳнамоии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мардуми Тоҷикистон бо қабули Конститутсия падидаи хеле нодири охири асри XX - фарҳанги сулҳи тоҷиконаро эҷод ва дар амал татбиқ намуд, ки оламиёнро дар ҳайрат гузошта, мавриди омӯзиши институтҳои тадқиқотию илмии ҷаҳонӣ гардид.

Аз рӯи анъана, конститутсияҳо дар давраҳое қабул карда мешаванд, ки давлату ҷомеа аз як сатҳи инкишоф ё худ форматсияи ҷамъиятӣ ба сатҳи дигари инкишоф гузариш мекунанд. Табиист, ки чунин гузариш бе нуқсон буда наметавонад, нороҳатӣ ва норозигии гурӯҳеро нисбат ба гурӯҳи дигар ба вуҷуд меорад. Дар чунин вазъ аз мафкураи пурҳаяҷони ҷомеа ҳар гуна ташаннуҷ, бесарусомонӣ ва зиддияту ихтилофи шадидро интизор будан имконпазир аст.

Пешгирии чунин ҳолат ба равиши омодагӣ ва қабули конститутсия вобастагии бевосита дорад ва он метавонад ба як санади ризоият ва ваҳдати умум табдил ёбад. Маҳз Конститутсияи соли 1994 ба ҳамин гуна санад табдил ёфт.

Аҳамияти фавқулода бузурги Конститутсия на танҳо дар таҳкими пояҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳуқуқии давлати навистиқлоли тоҷикон тавассути тағйирнопазир эълон шудани шакли идора, балки дар моҳияти ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ, демократӣ ва иҷтимоии давлат доштани он аст.

Дар ҳудуди ИДМ Тоҷикистон баъди Россия дувумин шуда, соҳиби Конститутсия гардид ва ин Конститутсия дар радифи панҷ конститутсияи беҳтарини давлатҳои аъзои Созмони амнияту ҳамкорӣ дар Аврупо эътироф шуд.

Конститутсияи даврони соҳибистиқлолӣ бояд ба рушди мунтаззаму устувори институтҳои базавии демократӣ мусоидат намояд, ки интихоботи озоду шаффоф, интихобӣ будани ашхоси мансабдор, озодии афкор, дастрасӣ ба сарчашмаҳои алтернативии иттилоот, ҳуқуқҳои умумии шаҳрвандӣ, мухторияти ассотсиатсияҳо (ҳизбҳои сиёсӣ, гурӯҳҳо аз рӯи манфиат, ҷамъиятҳои шаҳрвандон ва ғайра) ба онҳо шомиланд.

Новобаста аз муҳлати хеле кӯтоҳи қабули Конститутсия институтҳои базавии демократӣ дар Тоҷикистон рушди муътадил пайдо карданд. Чунончи, интихоби озоду демократӣ (интихоботҳои Президенти мамлакат дар солҳои 1994, 1999, 2006 ва 2013 интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон ва интихоботи намояндагон ба маҷлисҳои маҳаллӣ, раъйпурсӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия) сари вақт ва бо иштироки нозирони дохиливу хориҷӣ мегузарад.

Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол беҳтарин арзишҳои ҷомеаи ҷаҳониро дар худ инъикос кардааст, аммо ин маънои онро надорад, ки бе инкишофи шуури иҷтимоӣ Конститутсия худ аз худ ҷомеаро дигар мекарда бошад. Сатҳи шуури иҷтимоӣ аз худшиносии иҷтимоию маънавии шаҳрвандон вобастагии амиқ дорад.

Маҳз ҳамин гуна сатҳи шуур ва худшиносӣ дар сиришти мардуми тоҷик буд, ки хавфи таназзули давлат дар солҳои душвори 1993-1997 аз байн рафт.

Ба шарофати ҷидду ҷаҳд ва талошҳои пайгиронаву шабонарӯзии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон навсозии тамоми соҳаҳои зиндагӣ аз ислоҳоти қонунгузорӣ дар партави Конститутсияи нав оғоз шуд. Хусусияти аз ҳама муҳим ва ҷолиби диққати Конститутсия ба мафкураи ягон ҳизб ё ташкилоти диниву сиёсӣ асос наёфтани он аст.

«Демократия дар ҳолате вуҷуд дошта метавонад, ки ҳокимият ба дасти қонун аст», - чунин нуқтаи назари Пешвои миллат аз мақоми баланди ҳуқуқӣ доштани Конститутсия дар системаи ҳуқуқӣ шаҳодат медиҳад. Ҳеҷ як санади ҳуқуқии дигар наметавонад, ки ягон меъёри хилофи Конститутсия дошта бошад ва агар дошта бошад, эътибори ҳуқуқӣ надорад.

Баҳри ҳифзи Конститутсия мақоми махсуси ҳокимияти судӣ - Суди конститутсионӣ ташкил карда шудааст, ки вазифаи он муайян кардани мувофиқати қонунҳо, санадҳои ҳуқуқии Маҷлиси Олӣ, Президент, Ҳукумат, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ ва дигар мақомоти давлатию ҷамъиятӣ бо меъёрҳои Конститутсия мебошад.

Вақте сухан оид ба масъалаи қонуният ва тартиби амалигардонии муқаррароти Конститутсия меравад, иқрор шудан лозим аст, ки бидуни интихоби шакли мувофиқи идоракунии давлатӣ, яъне ҷумҳурии президентӣ, ба ташаккули конститутсионализм - назария ва амалияи ташкили ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ мувофиқи Конститутсия муваффақ шудан ғайриимкон буд.

Ғайр аз ин, конститутсионализми муосир эътирофи бечунучаро ва дар амал бе монеа татбиқшавии номгӯи васеи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва афзалияти ҳуқуқи инсонро нисбат ба манфиатҳои давлат пешбинӣ мекунад, ки марҳилаи ҳозираи рушди қонуният аз воқеӣ будани ин амал низ баръало гувоҳӣ медиҳад. Қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақомоти қонунгузор мутобиқи Конститутсия қабул гардида, меъёрҳои он бевосита ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун арзиши олӣ равона гардидаанд.

Дар шароити муосири рушду пешрафти кишвар вазифаи муҳимтарини мо дар заминаи Конститутсия коркарду таҳияи қонунҳоест, ки ба танзими оқилонаи муносибатҳо дар соҳаи иқтисодиёту иҷтимоиёт вобаста бошанд.

Барои иҷрои ин амал аз дастури Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон истифода бояд кард: «Мо бояд эҳтироми ин санади танзимгари ҳаёти ҷомеаро омӯзем, аз имкониятҳои он ҳар чӣ бештар истифода барем ва дар ниҳояти кор ба он муваффақ шавем, ки риояи ҳатмии он барои ҳар як шаҳрванди мамлакат ҳам фарзу ҳам суннат гардад».

**Намоз АМОНЗОДА,**
**судяи суди шаҳри Душанбе**

**1 ноябри соли равон раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Насиба Содиқӣ дар ҷаласаи комиссияи экспертии доимии Ассамблеяи байнипарламентии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба илм ва маориф, ки дар реҷаи маҷозӣ (онлайн) баргузор гардид, иштирок ва суханронӣ намуд.**

# ҶАЛАСАИ КОМИССИЯИ АБ ИДМ БАРГУЗОР ГАРДИД



Дар ҷаласа масъалаҳо «Дар бораи рӯзномаи маҷлиси Шурои экспертии илм ва маориф дар Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои аъзои ИДМ», «Дар бораи тағйир додани ҳайати Шурои коршиносон оид ба илм ва маориф дар назди Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои аъзои ИДМ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни намунавӣ «Дар бораи технологияҳои интеллектуалии сунъӣ», «Дар бораи лоиҳаи тавсияҳо оид ба танзими ҳуқуқии системаи инкишоф ва дастгирии истеъдодҳои ҷавон барои давлатҳои аъзои ИДМ», «Дар бораи ташаккули фарҳанги ҳуқуқии интихобкунандагони ҷавон ва ояндаи давлатҳои аъзои ИДМ дар заминаи мониторинги интихобот», «Дар бораи таҳсилоти расмӣ, ғайрирасмӣ ва ғайрирасмӣ дар шароити таълими давомдор», «Дар бораи ҷамъбасти олимпиадаи байналхалқӣ оид ба фанҳои гуманитарӣ ва ҷамъиятшиносӣ барои мактаббачагони мамлакатҳои ИДМ дар солҳои 2023-2024», «Дар бораи Конгресси байналмилалии илмӣ-таълимии давлатҳои аъзои ИДМ дар соли 2025», «Дар бораи озмуни байналмилалии лоиҳаҳои дипломӣ барои гирифтани мукофоти Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои аъзои ИДМ» ва «Дар бораи маҷлиси навбатии Шурои коршиносон оид ба илм ва маориф дар Ассамблеяи байнипарламентии давлатҳои аъзои ИДМ» баррасӣ шуданд.

Аъзои комиссия, инчунин, равишҳои пешниҳодкардаи таҳиягарон оид ба таҳияи лоиҳаи Қонуни намунавӣ «Дар бораи чораҳо оид ба ошкор ва дастгирии мунтазами кӯдакону ҷавонони лаёқатманд» ва лоиҳаи Тавсияҳо оид ба танзими меъёрии мубодилаи байналмилалии академӣ»-ро баррасӣ намуда, пешниҳод дар бораи ворид намудани таҳрири нави Қонуни намунавӣ «Дар бораи асосҳои танзими интернет»-ро мавриди истифода қарор доданд.

Дар ҷаласа, ҳамчунин, фаъолияти созмони бунёдии забон ва фарҳанги кишварҳои ИДМ оид ба робита бо донишгоҳҳои кишварҳои муштаракулманофеъ ва баргузории бозиҳои ҳабдаҳуми Делфии ҷавонони кишварҳои аъзои ИДМ муаррифӣ шуд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМО ҶТ.**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# ИШТИРОКИ ВАКИЛОН ДАР ҶАЛАСАИ АБО

**Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадулло Шерализода ва Азиз Гиёзода аз 4 то 7 ноябри соли ҷорӣ дар кори ҷаласаи комиссияи доимӣ оид ба буҷет ва банақшагирии Ассамблеяи байнипарламентии Осиё, ки дар Давлати Қатар баргузор гардид, иштирок намуданд.**

Зимни ҷаласаи ассамблея вакилон лоиҳаи қарори банақшагирии буҷети ассамблея, инчунин, масъалаҳои баланд бардоштани самаранокӣ ва иқтидори ташкилии созмон ва ноил шудан ба ҳадафу вазифаҳои онро баррасӣ намуданд.



**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМО ҶТ**

# ҶАШНИ ШАКЛГИРИИ ДАВЛАТДОРИИ НАВИНИ МИЛЛӢ

**Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки имсол 30-юмин солгарди он таҷлил гардид, ҳамчун ҷашни шаклгирии давлатдории навини миллӣ ва таҳкими амнияту суботи сиёсию иҷтимоӣ аҳамияти муҳим дорад. Тоҷикистон мувофиқи меъёрҳои конститутсионӣ дар муайян ва татбиқ кардани сиёсати дохилию хориҷии худ соҳибихтиёр ва мустақилу озод буда, ин ҳолат барои идора ва танзими маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар бо назардошти меъёрҳои конститутсионӣ ва хусусиятҳои таърихӣ, миллӣ ва фарҳангию ҷуғрофӣ имконияти мусоид фароҳам овард.**




Конститутсияи нави мо ба шарофати Истиқлоли давлатӣ рӯи кор омад ва дар бунёду таҳкими давлати демократию ҳуқуқбунёд, рушди иқтисоду иҷтимоиёт, ташаккули фарҳанги сиёсӣ ва таъмини амнияту осоиштагии мардум нақши басо бузург дорад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатиашон аз ҷумла, иброз доштанд, ки: «Дар асоси меъёрҳои Конститутсия ба мо муяссар гардид, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори сиёсӣ ва иқтисодии кишварамонро таъмин намуда, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам оварем».

Конститутсия ҳамчун сарчашмаи асосии ҳуқуқӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлати моро фаро мегирад. Ин санад мафҳуми волоияти қонунро дар низоми ҳуқуқӣ ва ҳаёти ҷамъиятӣ муқаррар намуда, муҳимтарин ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро кафолат медиҳад. Мутобиқи моддаи 10 Конститутсия ҳамчун қонуни олӣ амал мекунад ва ҳамаи қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар санадҳои локалӣ бояд бо Конститутсия мувофиқат кунанд. Ин модда муқаррар менамояд, ки Конститутсия ҳамчун сарчашмаи олӣ дар низоми ҳуқуқии кишвар амал мекунад ва ҳеҷ санади меъёрӣ ё қонун наметавонад мухолифи он бошад. Иерархияи ҳуқуқӣ сохтори ҳуқуқиест, ки дар он ҳама қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ бояд бо тартиби муайян қабул ва иҷро шаванд. Дар Тоҷикистон Конститутсия дар аввали ин иерархия қарор дорад, пас аз он қонунҳои конститутсионӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ меоянд. Ин тартиб ба ин маъност, ки қонунгузор ва дигар мақомот ҳангоми қабули қонунҳо бояд онҳоро ба Конститутсия мувофиқ созанд. Агар санаде ё қонуне ба Конститутсия мухолифат кунад, он беэътибор дониста мешавад.

Принсипи волоияти Конститутсия маънои онро дорад, ки Конститутсия тамоми асосҳои ҳуқуқии давлатро муқаррар мекунад ва барои пешгирӣ аз ихтилофоти қонунӣ меъёрҳои он бояд дар авлавият бошанд. Ин принсипро судҳо, мақомот ва дигар ташкилотҳо низ бояд риоя кунанд. Масалан, Суди конститутсионӣ ҳуқуқ дорад, ки агар қонун ё санади ҳуқуқие ба Конститутсия мухолиф бошад, онро беэътибор эълон намояд. Дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон Суди конститутсионӣ вазифадор аст, ки назорати мутобиқати қонунҳо ва дигар санадҳои меъёриро бо Конститутсия мунтазам анҷом диҳад. Ин маънои онро дорад, ки ҳангоми ихтилофи меъёрҳои ҳуқуқӣ Суди конститутсионӣ метавонад тафсири расмии Конститутсияро пешниҳод ва қонунҳои мухолифро бекор ё ислоҳ намояд. Ин низом кафолат медиҳад, ки Конститутсия ҳамчун сарчашмаи устувори ҳуқуқӣ дар кишвар амал намояд ва дигар санадҳои меъёрӣ онро зери шубҳа нагузоранд. Моддаи 10-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо нақши волоияти Конститутсияро таъкид мекунад, балки ба низоми ҳуқуқии кишвар як принсипи муҳимро ворид менамояд, ки фаъолияти мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ бояд ба Конститутсия мувофиқат кунанд. Ҳамин тавр, ҳар як санади меъёрии ҳуқуқии нав бояд дар асоси Конститутсия таҳия ва қабул гардад.

Мавриди зикр аст, ки дар таърихи давлатдории тоҷикон бори нахуст Конститутсия тариқи иродаи мардуми кишвар ва барои инсон ва шаҳрванд қабул гардидааст, ки дар он муқаррароти ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба таври дақиқу мушаххас инъикос ёфта, онҳоро ҳамчун арзиши олӣ эълон доштааст. Шаҳрвандони Тоҷикистон дар назди қонун баробар буда, мақомоти ҳокимияти давлатӣ вазифадор аст, ки иқтидори сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию ҳуқуқии давлат ва ҷомеаро ба нафъи инсон ва шаҳрванд истифода номоянд, яъне инсон ва шаҳрванд объекти ягонаи Конститутсия дар ҷодаи таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд қарор гирифтааст, ки чунин ҳолат бевосита ифодагари давлати иҷтимоӣ мебошад.

Конститутсия ҳамчун сарчашмаи асосии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо волоияти ҳуқуқ ва тартиботи ҳуқуқиро таъмин менамояд, балки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро кафолат медиҳад. Дар ин замина, вазифаи ҳар як шаҳрванд, хусусан ҳуқуқшиносон, аз он иборат аст, ки қонунгузориро бо принсипҳои Конститутсия ҳамоҳанг намуда, барои риояи он талош варзанд.

**Ф. МАХСУМЗОДА,**
**прокурори калони раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, мушовири адлияи дараҷаи 2**

# ҲИСОББАРОБАРКУНИҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ ТАҚВИЯТ МЕЁБАНД



**(Идома аз саҳ. 1)**

Бо мақсади амалӣ намудани тадбирҳои тасдиқшудаи «Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», бахусус дар самти ташаккули буҷети барномавӣ, ҳамкориҳо бо созмонҳои байналмилалӣ ҷиҳати ҷалби грант ва кумакҳои техникӣ мунтазам роҳандозӣ гардида истодааст. Дар раванди мазкур аз Фонди аврусиёии муътадилгардонӣ ва рушд барои амалӣ намудани лоиҳаи «Вусъат додани татбиқи принсипҳои буҷети барномавӣ», грант ба маблағи 1,6 млн. доллари амрикоӣ ҷалб мешавад. Саҳмгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи татбиқи созишномаи мазкур тавассути озодкунӣ аз андозҳо, ки пардохти онҳо дар доираи шартномаҳои байналмилалӣ пурра ё қисман аз ҳисоби грант анҷом дода мешавад, амалӣ мегардад. Аз ин лиҳоз ва тибқи талаботи



созмони маблағгузор лоиҳаи созишномаи грантӣ ба баррасии ҷаласаи имрӯза пешниҳод шудааст. Лоиҳаи созишномаи мазкур аз се қисм, аз ҷумла такмил додани заминаи методологӣ ва амалияи буҷетикунонии барномавӣ, таҳкими иқтидори кадрии вазорату идораҳое, ки дар татбиқи буҷетикунонии барномавӣ масъуланд ва идоракунии лоиҳа иборат мебошад. Буҷетикунонии барномавӣ яке аз усулҳои пешқадами ҷаҳонии таҳияи буҷет ба ҳисоб рафта, тавассути низоми мазкур натиҷа ва самаранокии фаъолияти вазорату идораҳо аз рӯйи нишондиҳандаҳои муқарраршуда ё мушаххас баҳогузорӣ гардида, назорати истифодаи маблағҳои буҷетӣ пурзӯр мешавад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи созишномаи пешниҳодгардидаро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Дӯстмуродзода Сурайё дода мешавад. Марҳамат.

**Сурайё ДӮСТМУРОДЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома оид ба пешниҳод намудани гранти Фонди аврусиёии муътадилгардонӣ ва рушд барои маблағгузории лоиҳаи «Вусъат додани татбиқи принсипҳои буҷети барномавӣ» байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврусиёии рушд 27 феврали соли 2024 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Маблағи гранти пешниҳодгардида 1577,7 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил менамояд.

Буҷети барномавӣ 3 вазифаи асосии хароҷоти давлатӣ, аз ҷумла интизоми умумии молиявӣ, тақсимоти самараноки воситаҳо, азнавтақсимнамоӣ мутобиқи сиёсати давлатӣ вобаста ба мақсадҳои барномаҳо ва дар ниҳоят расидан ба натиҷаҳои самаранокро, иҷро менамояд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон созишномаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуданд. Созишномаи мазкур дар кумита бо тартиби муқарраргардидаи Дастури Маҷлиси намояндагон баррасӣ гардида, тамоми расмиёти дохилиро гузашта, ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ буда, ба талаботи санадҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад. Хоҳиш менамоям, ки барои тасдиқи он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишнома оид ба пешниҳод намудани гранти Фонди аврусиёии муътадилгардонӣ ва рушд барои маблағгузории лоиҳаи «Вусъат додани татбиқи принсипҳои буҷети барномавӣ» байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврусиёии рушд» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шодихон Ҷамшед дода мешавад. Марҳамат.

**Шодихон ҶАМШЕД:**
**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон» дар асоси супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 июли соли 2024, таҳти №25928 (32-6) аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон» мутобиқи талаботи моддаи 58 Конс-



титутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади бартараф намудани мухолифати қонуни амалкунанда ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бартараф намудани номутобиқатии матни забони тоҷикӣ ба матни забони русӣ таҳия ва барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст. Дар ин замина, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон» дар қисми дуюми моддаи 21 калимаи «Ҳукумати» ба калимаи «Президенти» иваз карда шуда, ҳамчунин, аз қисми якуми моддаи 23 калимаҳои «мукофоти давлатӣ буда,» хориҷ карда мешаванд. Ҳамзамон, тағйироти пешниҳодшуда хусусияти муайянкунанда, мутобиққунанда ва таҳририӣ дошта, бо мақсади бартараф намудани баъзе норасоиҳои ҷойдошта, риояи имло, истифодаи истилоҳу ибораҳо бо назардошти услуби ягонаи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, мушаххасу саҳеҳ гардонидани меъёрҳои қонуни амалкунанда пешбинӣ шуда, ба талаботи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мутобиқ мебошад. Лоиҳаи қонуни мазкур ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, қабули он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб намекунад. Хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон»-ро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Холмаҳмадзода Солеҳа дода мешавад. Марҳамат.

**Солеҳа ХОЛМАҲМАДЗОДА:**
**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ мутобиқ ба талаботи моддаи 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мутобиқсозии меъёрҳои он ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бартараф намудани номутобиқатии матни забони тоҷикӣ бо забони русии он таҳия гардида, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.



Лоиҳа бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 октябри соли 2024 таҳти №2393 барои баррасӣ ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ, барои додани хулоса ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, кумитаи масъул масъалаи зикргардидаро 30 октябри соли 2024 дар ҷаласаи васеъ мавриди баррасӣ қарор дод.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон» ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ мутобиқ буда, қабули он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагон Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ассотсиатсияи истифодабарандагони об» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қаҳҳорзода Файзиддин Саттор дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**
**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ассотсиатсияи истифодабарандагони об» бо мақсади иҷрои талаботи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» таҳия ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2024 таҳти №548 қабул шудааст.

Мутобиқи лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда ба сархати якуми қисми 2 моддаи 6, сархати ҳаштуми қисми 1 моддаи 12, сархати дуюми қисми 3 моддаи 15 ва ба сархати ҳаштуми қисми 6 моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ассотсиатсияи истифодабарандагони об» тағйироти дахлдор дар мавриди пешбурди феҳрист ва бо тариқи ғайринақдӣ амалӣ намудани пардохти марбут ба хизматрасониҳои истифодабарии об, ки аз қонуни мазкур бармеоянд, пешбинӣ мегардад.

Ҳадаф аз пешниҳоди лоиҳаи қонуни мазкур, таъмини шаффофият дар амалиёти молиявӣ, бартараф намудани омилҳои фардӣ ва мушкилоти мавҷудаи соҳа вобаста ба пардохтҳои маблағи истифодаи об, ташаккули омори расмии соҳа, вусъат бахшидан ба раванди ҷоринамоии пардохтҳои ғайринақдӣ ва гузариш ба иқтисоди рақамӣ мебошад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Латифзода Рустам оид ба масъалаи мазкур чӣ назар доред?

**Рустам ЛАТИФЗОДА:**
**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**



Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ассотсиатсияи истифодабарандагони об» тамоми расмиёти дохилиро мутобиқ ба талаботи Дастури Маҷлиси намояндагон гузашта, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки барои қабули он овоз диҳед.

**РАИС:** - Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ассотсиатсияи истифодабарандагони об» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ассотсиатсияи истифодабарандагони об» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» шурӯъ менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қаҳҳорзода Файзиддин Саттор дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**
**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» пешниҳод мегардад.

Мутобиқи лоиҳаи қонуни мазкур техника ва таҷҳизоти замонавӣ, аз ҷумла миқдори муайяни автобусҳои мусофиркашонӣ, таҷҳизоти акрезӣ, нақлиёти махсуси боркунандаю фарорандаи худҳаракати дупалагӣ барои контейнерҳо, нақлиёти махсус барои коркарди зиддияхбандии ҳавопаймо, нақлиёти махсуси зиддисӯхтории аэродромӣ ва дигар нақлиёти махсус, ки аз ҷониби Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд» барои азнавсозии аэровокзали фурудгоҳ ворид мешаванд, аз арзиши иловашуда дар доираи 50 фоизи меъёри муқаррарнамудаи Кодекси андоз ва пурра аз боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд.

Ҳадаф аз таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи қонуни мазкур, пеш аз ҳама, ба стандартҳои Ташкилоти байналхалқии авиатсияи гражданӣ мутобиқ намудани фаъолияти Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд ва беҳтар намудани сатҳи хизматрасонии фурудгоҳӣ, аз ҷумла ба шаҳрвандони ҷумҳурӣ ва сайёҳону соҳибкорони хориҷӣ, ба ҳисоб меравад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ ва тасдиқ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Ашурзода Ғиёсиддин дода мешавад. Марҳамат.

**Ғиёсиддин АШУРЗОДА:**
**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.



Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади рушди соҳаи хизматрасонии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд» таҳия гардидааст.

Бо қабул намудани лоиҳаи қонуни мазкур имкон пайдо мегардад, ки рушди соҳаи хизматрасонии Фурудгоҳи шаҳри Хуҷанд беҳтар шавад.

Лоиҳаи қонунро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ҷонибдорӣ намуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории қабули он овоз диҳед.

**РАИС: -** Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: -** Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қаҳҳорзода Файзиддин Саттор дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**
**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» таҳия гардида, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2024, №546 қабул гардидааст.

Мутобиқи лоиҳаи қонуни мазкур ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» моддаи 48, иловаи 1 ворид гардида, минбаъд пардохти марбут ба истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, тариқи ғайринақдӣ амалӣ мешавад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Шамсиддинзода Мавзуна дода мешавад. Марҳамат.

**Мавзуна ШАМСИДДИНЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» бо мақсади таъмини иҷрои талаботи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин барои баррасӣ супорида шуд.

Вобаста ба мазмун ва муҳтавои лоиҳаи қонуни баррасишаванда вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қаҳҳорзода Файзиддин Саттор муфассал маълумот доданд.

Бояд зикр намуд, ки ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар суръатбахшии чараёни гардиши воситаҳои пулӣ, шаффофияти амалиёти молиявӣ, кам намудани ҳаҷми пули нақд дар муомилот ва харочот аҳамияти муҳими молиявӣ-иқтисодӣ дорад. Аз ин лиҳоз, бо лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда масъалаҳои механизми ба таври нақдӣ пардохт намудани ҳаққи хизматрасониҳои давлатӣ тағйир дода шуда, минбаъд ҳаққи пардохти хизматрасониҳои давлатӣ ба таври ғайринақдӣ амалӣ мешавад. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон қабул намудани лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуданд. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории мамлакат мухолифат надошта, амалишавии меъёрҳои он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки барои қабул гардидани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи берун баровардан ва ворид намудани сарватҳои таърихию фарҳангӣ» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Файзулло Наҷмиддиниён дода мешавад. Марҳамат.

**Файзулло НАҶМИДДИНИЁН:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи берун баровардан ва ворид намудани сарватҳои таърихию фарҳангӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини иҷрои талаботи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» пешниҳод гардидааст.

Зарурати қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи берун баровардан ва ворид намудани сарватҳои таърихию фарҳангӣ» дар он зоҳир мегардад, ки ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар суръатбахшии ҷараёни гардиши воситаҳои пулӣ, шаффофияти амалиёти молиявӣ, кам намудани ҳаҷми пули нақд дар муомилот ва харочот аҳамияти муҳими молиявию иқтисодӣ дорад. Бинобар ин, тибқи талаботи фармони мазкур дар лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда масъалаҳои механизми ба таври нақдӣ пардохт намудани ҳаққи хизматрасониҳои давлатӣ тағйир дода шуда, минбаъд пардохти хизматрасониҳои давлатӣ ба таври ғайринақдӣ амалӣ мешавад.

Лоиҳаи қонуни мазкур мутобиқи Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 ноябри соли 2024, №2409 барои баррасӣ ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон ва барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон супорида шуда буд. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ менамоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи берун баровардан ва ворид намудани сарватҳои таърихию фарҳангӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи берун баровардан ва ворид намудани сарватҳои таърихию фарҳангӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» оғоз менамоем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Шарифзода Ғиёсиддин дода мешавад. Марҳамат.

**Ғиёсиддин ШАРИФЗОДА:**
**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини иҷрои талаботи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» пешниҳод гардидааст.

**(Давомаш дар саҳ. 7)**

# ҲИСОББАРОБАРКУНИҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ ТАҚВИЯТ МЕЁБАНД

**(Идома аз саҳ. 6)**

Зарурати қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» дар он зоҳир мегардад, ки ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар суръатбахшии ҷараёни гардиши воситаҳои пулӣ, шаффофияти амалиёти молиявӣ, кам намудани пули нақд дар муомилот ва хароҷот аҳамияти муҳими молиявию иқтисодӣ дорад. Бинобар ин, тибқи талаботи фармони мазкур дар лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда масъалаҳои механизми ба таври нақдӣ пардохт намудани ҳаққи хизматрасониҳои давлатӣ тағйир дода шуда, минбаъд пардохти хизматрасониҳои давлатӣ ба таври ғайринақдӣ амалӣ карда мешаванд. Лоиҳаи қонуни мазкур мутобиқи Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 ноябри соли 2024, №2410 барои баррасӣ ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон ва барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон супорида шуда буд. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуданд. Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.



**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қаҳҳорзода Файзиддин Саттор дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ» бо мақсади иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» таҳия гардидааст.

Мутобиқи лоиҳаи мазкур ба моддаи 32 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ» илова ворид гардида, минбаъд пардохти маблағи ҳаққи хизматҳои расонидашуда тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда мешавад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст?

Узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Ахмедов Мирзоанвар доир ба масъалаи мазкур чӣ гуфтаниед?

**Мирзоанвар АХМЕДОВ:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ» дар асоси қарори Шурои Маҷлиси намояндагон ва тибқи муқаррароти Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми расмиёти марбутаро дар Маҷлиси намояндагон гузашта, ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои



меъёрии ҳуқуқӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад. Аз шумо - вакилони арҷманд бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки барои қабули лоиҳаи қонуни мазкур овоз диҳед.

**РАИС:** - Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ченаки ягона» шурӯъ мекунем. Аз рӯи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қаҳҳорзода Файзиддин Саттор дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ченаки ягона» бо мақсади иҷрои талаботи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» таҳия шудааст.

